будет включать в себя систему индикаторов, таких как: продуктивность дойного стада, себестоимость молока, процент товарного молока высокого качества, показатели финансовой стабильности предприятий и уровень сотрудничества производителей. Представляется целесообразным рассмотрение адресной системы государственной поддержки, основанной на интегральной оценке устойчивости предприятий, с выделением таких групп, как устойчивые, пограничные и неустойчивые [2-А].

6. Для устойчивого развития молочной отрасли необходимо ускорить модернизацию инфраструктуры первичного звена цепочки: молокоприемные пункты, системы охлаждения, логистика «холодной цепи» и лабораторный контроль качества. Предлагается институционально поощрять развитие молочных кластеров в Хатлонской и Согдийской областях, выбрав их в качестве пилотных регионов для концентрации производства. Необходимо разработать региональные «дорожные карты» формирования молочных кластеров, учитывая территориальную специализацию. Также следует создать сеть сервисных центров, предоставляющих услуги малым производителям (ветеринария, искусственное осеменение, кормление, консультации), и организовать систему постоянного мониторинга экономической устойчивости молочных предприятий.

7. На уровне отдельных предприятий важно внедрить системы управленческого контроля, направленные на обеспечение устойчивости (такие как бюджетирование, контроль кормовой эффективности и управление ликвидностью). Инвестиции должны быть приоритетно направлены на следующие направления: улучшение кормовой базы, повышение генетического потенциала стада, модернизацию доильного и холодильного оборудования, снижение потерь молока при хранении и транспортировке, а также активизацию участия предприятий в кооперационных и кластерных объединениях. Составить программы повышения квалификации специалистов молочной отрасли в таких областях, как экономика устойчивости, управление затратами, качество молочного сырья, цифровые технологии в животноводстве, а также обеспечить методическую поддержку внедрения интегральной оценки устойчивости на промышленных предприятиях.

8. Разработать региональные «дорожные карты» формирования молочных кластеров с учётом территориальной специализации; создать сеть сервисных центров для малых производителей (ветеринария, искусственное осеменение, кормление, консультации); организовать систему регулярного мониторинга экономической устойчивости молочных предприятий [1-А]. [2-А].

## СПИСОК ИСПОЛЬЗОВАННОЙ ЛИТЕРАТУРЫ:

### Нормативно-правовые акты

1. Годовой отчёт предприятий «Афзали Зарзамин», «Латиф Мурод», «С.А. Хамадони» за 2020-2024 гг.

2. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О внесении изменений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2012 года № 775 «О Методических рекомендациях по определению потребительской корзины для основных социально-демографических групп населения в Республике Таджикистан»» от 26 февраля 2022 года № 76.

3. Регионы Республики Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2025 г., стр.334

4. Сельское хозяйство Республике Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2025 г., стр. 390

### Электронные ресурсы

5. Осипова, Е.К. Организационно-экономические факторы повышения устойчивости развития отрасли молочного скотоводства [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/organizatsionno-ekonomicheskie-faktory-povysheniya-ustoychivosti-razvitiya-otrasli-molochnogo-skotovodstva

6. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 23 декабря 2023 года. [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://www.president.tj/event/missives/27246

7. Сафин, Ф.М. Сущность и факторы экономической устойчивости (постановка проблемы) [Электронный ресурс] / Ф.М. Сафин // Вестник ТИСБИ. – 2000. – № 2. – Режим доступа: http://www.tisbi.ru/home/science/ journal-of-tisbi/2000/issue2/12/

8. Тимергалеева, Р.Р. Основные направления устойчивого развития агропромышленного комплекса России [Электронный ресурс] / Режим доступа:// RUSSIAN JOURNAL OF MANAGEMENT .-Том 10.- №3, 2022 // https://rusjm.ru/ru/nauka/article/ 52551/ view

9. Иванченко, Л.А., Жуков, И.В. Подход к оценке экономической устойчивости предприятия энергетической отрасли / https://sciup.org/podhod-k-ocenke-jekonomicheskoj-ustojchivosti-predprijatija-jenergeticheskoj-142239344

### Монографии, учебники, учебные пособия

10. Абдувасиев, Ф., Садридинов, С. Разработка по развитию эффективной модели агропродуктовых подкомлексов АПК / НПИцентр, г. Душанбе – 2017 г. с. 23

11. Асроров, И., Шарипов, 3. — Рыночная экономика и ее модели. Куляб: «Сада», 2002, -51с.

12. Бодров, О.Г. Экономическая свобода и устойчивость предприятия. – Казань: Таглимат, 2008. – 180с.

13. Вохидов, В.В., Гафуров, Х.Г. Модель аграрной экономики Таджикистана в XXI веке. / В.В. Вохидов, Х.Г. Гафуров. - Душанбе: Ирфон, 2004. -203с.

14. Зеткина, О.В. Об управлении устойчивостью предприятия [Текст] / О.В. Зеткина. – Москва: Аудит, ЮНИТИ, 2003 – 134 с.

15. Лайберт, Т.Б. Экономическая устойчивость: сущность, содержание и факторы: учебное пособие / Т.Б. Лайберт. – Уфа: УГНТУ, 2008. – 230с.

16. Мадаминов, А.А. Проблема устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана, Душанбе. - ТАУ, 2006 – 300 с.

17. Мадаминов, А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Состояние и перспективы) / А.А Мадаминов. - Душанбе, 2006. - 231с

18. Мадаминов, А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (состояние и перспективы). –Душанбе, 2006. -228 с.

19. Морозов, Н.М., Петров Е.Б., Кузьмин В.Н., Кузьмина Т.Н., Тихомиров А.И. Инновационные технологии содержания крупного рогатого скота специализированных мясных пород [Текст] // Аналитический обзор. ФГБНУ «Росинформагротех», Москва – 2020 г., 91 с.

20. Савицкая, Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия. – Мн.: ООО «Новое знание», 4-е издание, переработанное и дополненное, 2000 - 168с.

21. Шеремет, А.Д. Теория экономического анализа. – Москва: ИНФРА-М, 2002

**Научные статьи и доклады**

22. Абдукаримов, И.Т. Характеристика факторов и методы их оценки влияния на результативные показатели хозяйственной деятельности предприятий [Текст] / И.Т. Абдукаримов // Социально-экономические явления и процессы. – 2013. – № 12 (58). – С. 9-14.

23. Алиев, О.М., Кодирзода Д.Б. Национальный, региональный и международные аспекты обеспечения продовольственной безопасности // Экономические науки. - 2020. - № 5. С.101-108.

24. Асроров, А., Эргашев А. Аграрная реформа и развитие рыночных отношений в Таджикистане Душанбе, // Кишоварз, 1997, №1.-С.25-35.

25. Ашуров, И. С. Влияние изменения климата на сельское хозяйство и продовольственную безопасность / И. С. Ашуров, З. Махмудов // Peasant. – 2014. – № 3. – С. 47-50. – EDN SZGZTB.

26. Ашуров, И. С. Состояние интеграции молокопроизводителей и перерабатывающих предприятий / И. С. Ашуров, Х. А. Муллоев, Х. П. Шарипов, С. Олимов // Peasant. – 2015. – № 4. – С. 67-69. – EDN VFQREV.

27. Ашурзода, С. Развития инновационной деятельности в сельском хозяйстве / С. Ашурзода, И. С. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – № 1-4-1(68). – С. 226-230. – EDN KWSZUI.

28. Баканова, М.Н. Анализ основных факторов экономической устойчивости современного предприятия / М.Н. Баканова // Вестник МГПУ – М.: МГПУ. -2008. - №2 (5)-С.58-76.

29. Белокопытов, А. В. Риск-факторы устойчивого развития организаций молочного скотоводства региона / А. В. Белокопытов, Е. К. Иванова // Продовольственная политика и безопасность. – 2023. – Т. 10, № 3. – С. 547-560.

30. Гафаров, А.К. Эффективность ведения молочного скотоводства в Таджикистане// Экономика Таджикистана: стратегия и развития / А.К. Гафаров Т.А., Кадыров, Ф.М. Раджабов.- 1999.- №3.- С. 78.

31. Джумабоев, Х.К. Состояние и тенденция развития продовольственного рынка в Республике Таджикистан / Х.К. Джумабоев // Вестник ТГНУ. -2008. -№1 (45), ч. 2. - С. 16-24.

32. Каримова, М.Т. Влияние изменений в аграрной политике на продовольственную безопасность // Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан №1 (56) 2017г.)- С.61-70.

33. Каримова, М.Т. Маджидзода С.К. Проблемы инфляции на потребительском рынке Республики Таджикистан// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 9. – С. 181-187.

34. Каюмов, Н.К. Глобализация мировой экономики и обеспечение продовольственной безопасности Таджикистана// Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2008.- №4 – С. 26-33.

35. Комилов, С. Дж., Фируз М.Б. Развитие конкурентоспособности регионального АПК Республики Таджикистан//Проблемы современной экономики. - СПб., 2016. -№2 (58).- С.196-198.

36. Кубанков, Ю.А. Экономическая устойчивость предприятия как элемент системы процесса обеспечения качества продукции//Транспортное дело России.- №10, Москва, 2011 г., -С. 86 -89.

37. Кузнецова, С.А. Новые тренды в развитии теории и методов стратегического менеджмента [Текст] / С. А. Кузнецова, В.Д. Маркова // Регион: экономика и социология. – 2015. – № 2(86). – С. 266-285.

38. Курбанова, Ш.С. Некоторые вопросы обеспечения населения продовольственной продукцией в Согдийской области. [Текст] / Ш.С. Курбанова, Р.Усмонов // Кишоварз (Земледелец). Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. -2011. - №1. - С 48-51.

39. Курбанова, Ш.С. Уровень обеспечения спроса населения завозными продовольственными продуктами. [Текст] / Ш.С. Курбанова, Р.Усмонов // Таджикистан и современный мир. - Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2015, - №1 (44). - С.58-65.

40. Мадаминов, А. А. Повышение качества продукции - залог эффективного производства / А. А. Мадаминов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/11(220). – С. 74-76. – EDN YPZHYT.

41. Мадаминов, А. Рентабельность - основа финансовой устойчивости предприятий / А. Мадаминов // Международный сельскохозяйственный журнал. – 2006. – № 4. – С. 19-20. – EDN HUHQSB.

42. Маликов, И. А. Эффективность производства и реализации животноводческой продукции в рыночных условиях / И. А. Маликов, А. Абдурахимов, С. Р. Одинавева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 8. – С. 55-60. – EDN BDZOMM.

43. Мансурова, Н.А. Оценка влияния внешних и внутренних факторов на устойчивость предприятия [Текст] / Н.А. Мансурова, В.А. Тулуева // Вестник тверского государственного университета. Серия: экономика и управление. – 2013. – № 20. – С. 129-139.

44. Мирзоев, Б. Проблемы устойчивого развития животноводства в Республике Таджикистан / Б. Мирзоев, И. Маликов, А. А. Мадаминов // Peasant. – 2013. – № 2. – С. 52-53. – EDN RMXQKB.

45. Окладский, П.В. Соотношение понятий экономической несостоятельности и устойчивости предприятий / П.В. Окладский // Лесной журнал. - 2010.-С.68-81.

46. Орипов, А. А. Инвестиции - фактор развития сельского хозяйства Республики Таджикистан / А. А. Орипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2014. – № 1(57). – С. 93-97. – EDN SHTWHV.

47. Пиризода, Дж.С. Асосҳои назариявию методии бунёди кластерҳои агросаноатии минтақавӣ [Текст] /Дж.С. Пиризода // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе. - 2013. - № 2/8(125). – с. 97-104.

48. Самандаров, И. Х. Факторы устойчивого развития сельского хозяйства в Таджикистане: региональные аспекты / И. Х. Самандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/5-1. – С. 89-95. – EDN ZVFJWH.

49. Сафарова, А. Д. Научная сущность продовольственной безопасности / А. Д. Сафарова, И. С. Ашуров, К. К. Баходурова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-4-2(57). – С. 175-180. – EDN NLAGTW.

50. Шамсов, Э. С. Молочная продуктивность коров таджикского типа черно-пестрой породы при использовании кормовых добавок / Ф. Байгенов, Т. А. Иргашев, Э. С. Шамсов, В. И. Косилов // Современные тенденции развития биологической и ветеринарной науки : Сборник материалов международной научно-практической конференции, Оренбург, 20–22 апреля 2017 года / Министерство сельского хозяйства Российской Федерации, Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования "Оренбургский государственный аграрный университет". – Оренбург: Оренбургский государственный аграрный университет, 2018. – С. 236-240. – EDN DGYFDA.

51. Чеблоков, А.Т. Стабильное производство – основа финансовой устойчивости предприятий / А.Т. Чеблоков // Финансы – 2009. №8-С.35-44.

52. Фёдорова, М.А. Тенденции развития молочного скотоводства и проблемы формирования производственного потенциала отрасли // Фундаментальные исследования. -2019. -№ 11.- С. 191-195;

53. Хоналиев, Н. Некоторые вопросы инновационного развития АПК Таджикистана / Н. Хоналиев // Экономика Таджикистана. – 2020. – № S4-1. – С. 57-62. – EDN RHBJMW.

**Диссертации и авторефераты:**

54. Абдурахимов, А.А. Проблемы повышения эффективности производства молока в условиях рынка: На материалах хлопкосеющих хозяйств Согдийской области. Дисер.на соискание уч. степ.к.э.н.-Худжанд.-2004-146с

55. Гулов, И.М. Продовольственное обеспечение Республики Таджикистан. -Автореф. на соискание уч.степени к.э.н.- М.-2012-25с

56. Шоймардонов, Х.К. Формирование и регулирование рынка мясомолочной продукции в регионе (на материалах Центрального Таджикистана). -Диссертация на соискание уч.степени к.э.н.-Душанбе.-219.-182с.

57. Юнусова, Дж. А. Организационно-экономический механизм повышения экономической устойчивости промышленного предприятия/ Дисс. работа – Махачкала: 2009 г., 148 с.

## ПУБЛИКАЦИИ СОИСКАТЕЛЯ ПО ТЕМЕ ДИССЕРТАЦИИИ

### Монография

[1-А]. Мадаминзода, А.А. (Мадаминов А.А.). Тенденции развития и размещения производительных сил Республики Таджикистан / Н. Хоналиев, Б. Б. Махкамов, А. А. Мадаминов, [и др.]. – Душанбе: Дониш, 2025. – 521 с.

### Статьи, опубликованные в рецензируемых журналах, рекомендованных Высшей аттестационной комиссией при Президенте Республики Таджикистан:

[2-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Перспективы развития и размещения предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № S2. – С. 201-206. – EDN MVGGHX.

[3-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-2. – С. 217-224. – EDN WIJYSM.

[4-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Инновации и получение высокого урожая в системе АПК Республики Таджикистан / С. Садридинов, А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 2. – С. 79-86. – EDN KGOFGL.

[5-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Экономическая устойчивость предприятий пищевой промышленности как фактор продовольственной безопасности страны / А. А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-2. – С. 49-55. – EDN JYYEVK.

[6-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Теоретическое определения основных факторов экономической устойчивости предприятий мясной и молочной отрасли и их классификация / А. А. Мадаминов // Кишоварз. – 2024. – № 2(103). – С. 277-283.

[7-А]. Мадаминзода А. А. (Мадаминов А. А). Роль мясомолочной отрасли в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан / А. А. Мадаминов, М. Т. Каримова // Кишоварз. – №2(107). – С. 183-188.

[8-А]. Мадаминзода А. А. (Мадаминов, А. А.). Ҳолати рушди чорводорӣ ва истифодаи чарогоҳҳо дар мамлакат ва минтақаҳои он / Б. Абдуалимов, А. А. Мадаминов // Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. – 2025. – № 1(83). – С.160-167.

**Научные статьи, опубликованные в сборниках и других научно-практических изданиях:**

[9-А]. Мадаминзода, А.А. (Мадаминов, А.А.). Производственные и научные основы реконструкции дехканских хозяйств / Б. Абдуалимов, А. Мадаминов // Материалы международной научно-теоретической интернет-конференции «Сельское хозяйство – 2021». Украина – 2024, стр. 60.

[10-А]. Мадаминзода А.А. (Мадаминов А.А.). Оценка влияния на экономическую устойчивость предприятий промышленности факторов внешней среды [Текст]. Наука с точки зрения молодых учёных // Сборник статей научно-практической конференции молодых учёных, посвященной объявлению 2024 года «Годом правового просвещения». Душанбе – 2024, стр. 43-48.

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**Институти иқтисодиёт и демография**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ВБД:** 338.43 (575.3)

**МАДАМИНЗОДА АСРОР АБДУЛЛО**

# МЕХАНИЗМҲОИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ УСТУВОРИИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНАҲОИ ЗЕРКОМПЛЕКСИ ШИРИИ КАС-И ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТ**
**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ**

**Душанбе-2026**

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Олимов Аловиддин Хайруллоевич** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молия ва қарз дар КАС-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шоҳтемур

**Муқарризони расмӣ:** **Одиназода Шохин Талбак** – доктори илмҳои иқтисодӣ, ҷонишини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**Одиназода Амин Иброҳим** – номзади илмҳои иқтисодӣ, сардори шуъбаи таҳлил ва пешгуикунии иқтисодиёти соҳавии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Ҳимояи диссертатсия санаи «19» сентябри соли 2026, соати 09 $^{00}$ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, ш.Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru, телефони котиби илмӣ: (+992) 1011790) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (http//www.ttu.tj) ва китобхонаи донишгоҳ шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «___» _____ соли 2026 фиристода шуд.

**И.в. котиби илмии шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Насиров Р.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи тадқиқот.** Дар шароити муосири рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъалаи баланд бардоштани устувории комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои коркарди шир, аҳамияти хос пайдо мекунад. Ин бахши кишоварзӣ аҳолиро бо маҳсулоти ҳаётан муҳими ғизоӣ — шир ва маҳсулоти ширӣ таъмин менамояд. Аз ин рӯ, вазъи амнияти озуқаворӣ кишвар ва сифати зиндагии мардум аз сатҳи рушд ва устуворӣ соҳаи чорводорӣ ва коркарди шир вобастагии зиёд дорад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 23-юми декабри соли 2022 зикр гардид: «Вазъи ҳассоси ҷаҳони имрӯза, бахусус, ба танқисии шадиди озуқаворӣ дучор гардидани чоряки кишварҳои дунё моро водор месозад, ки ҷиҳати таъмин намудани ҳадафи стратегиамон – ҳифзи амнияти озуқаворӣ тадбирҳои иловагӣ андешем. Солҳои охир, бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои берунӣ, пайи ҳам омадани хушксолӣ ва маҳдудсозии содироти озуқаворӣ аз ҷониби кишварҳои ҷаҳон, маҳз бо заҳмати шабонарӯзии кишоварзони мамлакат амнияти озуқаворӣ ва фаровонии бозори дохилӣ бо маҳсулоти кишоварзӣ таъмин карда шуд» [6].

Дар шароити Тоҷикистон, ба монанди дигар давлатҳои рӯ ба тараққӣ, вобастагии озуқаворӣ асосан ба сатҳи фаъолияти маҷмааи агросаноатӣ, аз ҷумла соҳаҳои коркард алоқаманд аст. Азбаски зиёда аз 70%-и бозори истеъмолии кишвар аз ҳисоби маҳсулоти кишоварзӣ ташаккул меёбад, худтаъминкунии дохилӣ бо маҳсулоти ғизоӣ аҳамияти стратегӣ дорад. Дар ин раванд, истеҳсоли шир нақши калидӣ дошта, қисми зиёди ниёзҳои аҳолиро ба сафеда ва равғанҳои табиӣ таъмин мекунад.

Аҳамияти ин тадқиқот дар заминаи татбиқи стратегияҳо ва барномаҳои афзалиятноки давлатӣ боз ҳам тақвият меёбад. Ҳамин тариқ, дар «Стратегияи рушди комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» ба таъмини амнияти озуқаворӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти асосӣ диққати махсус дода шудааст. Эълон гардидани солҳои 2022–2026 ҳамчун «Солҳои рушди саноат» ва гузариш ба модели «иқтисодиёти сабз» навсозии босуръат ва баланд бардоштани самаранокии корхонаҳои КАС, аз ҷумла соҳаи ширро тақозо менамояд. Ҳалли масъалаҳои устуворӣ фаъолияти корхонаҳои ин соҳа бо татбиқи афзалиятҳои иҷтимоию иқтисодии кишвар робитаи мустақим дорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Мушкилоти устуворӣ фаъолияти корхонаҳо дар илми иқтисод самти нав набуда, дар як қатор тадқиқоти бунёдӣ инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои устуворӣ иқтисодӣ ва механизмҳои таъмини он дар асарҳои олимони ватанӣ, аз ҷумла Абдукаримов И.Т. [22], Асроров И.А. [11], Вохидов В.В. [13], Каюмов Н.К. [34], Мадаминов А.А. [17, 16, 18, 41], Маликов

И.О. [42], Пиризод Дж.С. [47], Самандарзода И.Х. [48], Хоналиев Н.Х. [53] ва дигарон ба таври васеъ нишон дода шудаанд. Инчунин, ин мавзӯъ дар тадқиқоти олимони хориҷӣ, аз қабили Баканова М.Н. [28], Бодров О.Г. [12], Зеткина О.В. [14], Иванченко Л.А. [9], Кубанков Ю.А. [36], Лайберт Т.Б. [15], Мансурова Н.А. [43], Окладский Г.В. [45], Осипова Е.К. [5], Сафин Ф.М. [7], Савицкая С.Ж. [20], Тимергалеева Р.Р. [8], Чеблоков А.Т. [51], Шеремет А.Д. [21], Юнусова Дж.А. [57] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Масъалаҳои самаранокии чорводории ширӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст. Масъалаҳои рушд ва натиҷагирии ин соҳа дар асарҳои муаллифони ватанӣ, аз ҷумла Абдурахимов А.А. [54], Абдувосиев Ф.С. [10], Ашуров И.С. [26], Гафаров А.К. [30], Мадаминов А.А. [40], Мирзоев Б. [44], Морозов Н.М. [19], Орипов А.О. [46], Шамсов Э.С. [50] ва дигарон баррасӣ шудаанд. Дар омӯзиши ҷанбаҳои ҳамҷавори амнияти озуқаворӣ, рушди устувори чорводорӣ ва истеҳсоли агросаноатӣ, инчунин олимон Асроров А. [24], Ашурзода С. [27], Алиев О.М. [23], Каримова М.Т. [3232], Курбанова Ш.С. [38], Маликов И.А. [42] ва як қатор муҳаққиқони дигар саҳми назаррас гузоштаанд.

Тавре ки таҳқиқоти олимони ватанӣ нишон медиҳанд, то имрӯз ба масъалаҳои ҳосилнокии чорводории ширӣ, такмили захираҳои хӯроки чорво ва ҷанбаҳои ташкилию технологии истеҳсолот диққати зиёд дода мешуд. Аммо, аксари ин корҳо хусусиятҳои марҳилаҳои қаблии рушди иқтисодиётро инъикос намуда, талаботи шароити муосири бозор, рақамисозии истеҳсолоти агросаноатӣ ва зарурати ташаккули механизмҳои баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли ширро дар шароити мушкилоти глобалию минтақавӣ, равандҳои ҳамгироӣ ва вазифаҳои гузариш ба модели инноватсионӣ-индустриалӣ ба назар намегиранд. Дар айни замон, тадқиқоти мукаммале, ки маҳз ба механизмҳои баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли шир дар шароити бозор бахшида шуда бошад, дар адабиёти илмӣ ба таври кофӣ пешниҳод нагардидааст, ки маҳз ҳамин омил интихоби мавзӯи кори диссертатсионро муайян намуд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо ва мавзӯъҳои илмӣ:** Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба мақсаду вазифаҳои «Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи таъсис ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», «Барномаи рушди миёнамӯҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024» ва «Барномаи рушди системаи агросаноатӣ ва кишоварзии устувор барои давраи то соли 2030» мувофиқат мекунад. Диссертатсия тибқи нақшаи

корҳои илмӣ-тадқиқотии Институти иқтисод ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба механизмҳои баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Хусусиятҳои соҳавии ин корхонаҳо бо муттасилии давраи биологӣ, маҳсулоти зудвайроншаванда, вобастагии маҳсулнокӣ аз ҳолати заминаи хӯроки чорво, инчунин хусусияти хурдимолии истеҳсолот ҳангоми бартарии хоҷагиҳои аҳолӣ муайян карда мешаванд. Омилҳои ба устувории истеҳсоли шир таъсиррасонанда таҳқиқ гардида, таснифоти васеъшудаи онҳо пешниҳод карда шудааст; таъсири омилҳои дохилии вобаста ба самаранокии истифодаи захираҳои корхона, иқтидори кадрӣ, вазъи молиявӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ, инчунин омилҳои берунӣ, аз ҷумла танзими давлатӣ, конъюнктураи бозор, ҳолати инфрасохтор ва хавфҳои иқлимӣ ошкор карда шудааст.

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади тадқиқоти диссертатсионӣ таҳия ва асосноккунии назариявии механизми ташкилию иқтисодии таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсади мазкур дар диссертатсия вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– ҷамъбаст ва ба низом даровардани равишҳои назариявӣ нисбат ба муайян ва тасниф намудани устувории иқтисодии корхона;

– таҳлили ҳолати муосири истеҳсоли шир дар КАС, муайян кардани мушкилоти мавҷуда ва захираҳо барои афзоиши устувории соҳа;

– таҳияи усули баҳодиҳии интегралии устувории иқтисодии корхонаҳо бо назардошти нишондиҳандаҳои истеҳсолию молиявӣ;

– асоснок кардани равишҳои кластерии соҳаи шир ҳамчун воситаи таҳкими устувории иқтисодӣ;

– таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили танзими давлатии рушди устувори саноати шир.

**Объекти тадқиқот** зеркомплекси истеҳсоли ширии комплекси агросаноатии Тоҷикистон мебошад, ки маҷмӯи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ ва робитаҳои иқтисодию институтсионалиро дар бар мегирад.

**Предмети тадқиқот** равандҳои механизмҳои иқтисодӣ ва ташкилию идоракуние мебошанд, ки ба баланд бардоштани устувории корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС нигаронида шудаанд.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат аст, ки ноил шудан ба рушди устувор ва баланд бардоштани суботи иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли шир дар шароити

ислоҳоти бозорӣ, танҳо бо такмили ҳамаҷонибаи механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунӣ ва танзими соҳавӣ имконпазир мегардад.

Самтҳои асосии татбиқи фарзия: ҷорӣ намудани усулҳои ҳамгироии арзёбии натиҷаҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва молиявӣ, рушди моделҳои кластерии ташкили истеҳсолот, таҳкими робитаҳои байни истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагон, инчунин беҳтар намудани тадбирҳои дастгирии давлатӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулоти ширӣ ҳамчун омилҳои асосии рақобатпазирӣ ва амнияти озуқаворӣ.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро таҳқиқоти бунёдии** асосгузорони илми иқтисодӣ, инчунин асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки ба масъалаҳои устувории иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ бахшида шудаанд, аз он ҷумла ба рушди зеркомплекси ширии КАС ташкил менамоянд.

Натиҷаҳои коркардҳои илмии тахассусии муассисаҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, нашрияҳои даврӣ, маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ инчунин маводи монографияҳо ва дигар корҳои илмии муҳақиқон, ки ба таҳқиқи масъалаҳои устувории иқтисодии корхонаҳои ба истеҳсоли шир машғулбуда, дар тақиқот истифода шудаанд.

**Асосҳои назариявии тадқиқот** корҳои олимони ватанӣ ва хориҷиро дар соҳаи рушди устувор, иқтисодиёти соҳавӣ, сиёсати аграрӣ ва идоракунии системаҳои истеҳсолӣ дар бар мегирад.

**Методологияи тадқиқот.** Дар кори диссертатсионӣ усулҳои таҳлили иқтисодию статистикӣ ва системавӣ, моделсозии математикӣ, арзёбии экспертӣ, таҳлили муқоисавӣ, тафсир, логистика ва ғайра истифода шудаанд.

**Манбаъҳои иттилоотӣ.** Заминаи иттилоотии тадқиқотро маводҳои ҳисоботии вазорату идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва идораҳои вилоятии онҳо ташкил медиҳанд. Ҳамчунин, дар раванди таҳқиқот ҳисоботҳои солонаи корхонаҳои кишоварзӣ, нашрияҳои илмӣ, маводи конфронсҳо ва семинарҳои илмию амалӣ ва маълумоти сомонаҳои расмии мақомоти ҳокимияти давлатӣ истифода шудаанд.

**Пойгоҳи омӯзиш.** Диссертатсия дар давоми солҳои 2021-2025 дар шуъбаи таҳқиқоти рушд ва ҷойгиркунонии қуввахои истеҳсолкунандаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ичро шудааст. Дар диссертатсия маълумоти маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маводи ҳисоботи Вазорати кишоварзии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва корхонаҳои хусусӣ, нашрияҳои даврӣ, инчунин маълумоти муаллиф, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст омадаанд, истифода гардидааст.

**Навоварии илмии диссертатсия** аз таҳияи асосҳои назариявию методологӣ ва механизмҳое иборат аст, ки ба баланд бардоштани устувории корхонаҳои зеркомплекси шир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд.

**Нуқтаҳои асосии навоварии илмии кор** аз инҳо иборатанд:

– мазмуни мафҳуми «устувории иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли шир» ҳамчун зеркомплекси КАС мушаххас карда шуд. Он ҳамчун ҳолати мутавозини захираҳои корхона баррасӣ мешавад, ки ҳосилнокии устувор ва шароити рушди дарозмуддатро бо назардошти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна таъмин менамояд.

– дар асоси омилҳои муайяншуда, ки сатҳи устувории иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли ширро муайян мекунанд, ҷузъҳои сохтории он ҷудо ва мушаххас карда шуданд. Ин сохтор ҷузъҳои молиявӣ, истеҳсолию техникӣ, тиҷоратӣ, ташкилию идоракунӣ, инноватсионӣ ва иҷтимоиро фаро мегирад.

– низоми маҷмӯии нишондиҳандаҳои арзёбии устувории корхонаҳои истеҳсоли шир таҳия гардидааст, ки он маҷмӯи индикаторҳои хусусии аз рӯйи самтҳо гурӯҳбандишударо дар бар гирифта, ба як низоми воҳид муттаҳид карда шудааст ва ҳадафи он фароҳам овардани манзараи комили вазъи корхона мебошад. Дар заминаи маҷмӯи ин нишондиҳандаҳо коэффитсиенти интегралии устувории иқтисодии корхона ташаккул дода шудааст, ки асоси онро суръати афзоиши коэффитсиентҳои истеҳсолӣ ва молиявӣ ташкил медиҳанд;

– равишҳои кластерикунонии соҳаи шир ҳамчун механизми самараноки таъмини устувории фаъолияти корхонаҳо ва рушди тамоми соҳа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд. Модели муаллифии кластери соҳавӣ пешниҳод гардид, ки дар он механизмҳои ҳамкории мутақобилаи байни истеҳсолкунандагони ашёи хом (хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои ёрирасони аҳолӣ), коркардкунандагони шир, сохторҳои фурӯш, инчунин муассисаҳои илмию таълимӣ муайян карда шудаанд.

– иттиҳодияҳои кооперативӣ дар сатҳи маҳаллӣ ҳамчун унсурҳои кластер баромад намуда, ба истеҳсолкунандагони хурд имкон медиҳанд, ки захираҳои гаронбаҳоро (таҷҳизоти хунуккунӣ, нақлиёт ва ғайра) якҷоя истифода баранд. Татбиқи равиши кластерӣ устувории соҳаро тақвият мебахшад, зеро дар ин сурат истеҳсолкунандагон бо фурӯши кафолатнок ва дастгирӣ таъмин мешаванд, коркардкунандагон ашёи хоми босифату доимиро ба даст меоранд, таъсири омили мавсимӣ ва номутаносибии сарбории иқтидорҳо коҳиш меёбад ва барои ҷалби сармоягузорию навоварӣ шароити мусоид фароҳам меояд.

**Нуқтаҳое, ки барои ҳимоя бароварда мешаванд:**

– мазмуни мафҳуми «устувории иқтисодии корхонаҳои истеҳсоли шир» ҳамчун зеркомплекси КАС мушаххас гардида, ҷузъҳои сохтории он ҷудо ва тафсири муаллифӣ пешниҳод карда шуд;

– системаи комплексии нишондиҳандаҳои арзёбии устуворӣ таҳия гардид, ки нишондиҳандаи интегралиро дар бар гирифта, ба суръати афзоиши коэффитсиентҳои асосии истеҳсолию молиявӣ асос ёфтааст;

– равишҳои илмии кластерикунонии соҳаи шир ҳамчун воситаи муътадилсозӣ ва рушди устувор асоснок карда шуданд;

– равиши консептуалии такмили танзими давлатии устуворӣ зеркомплекси шир пешниҳод гардид.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Диссертатсия дар худ ҷамъбасти илмӣ-амалии натиҷаҳои бисёрсолаи таҳқиқоти илмии муаллифро, ки ба самтҳои гуногуни таъмини талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти хурокворӣ истеҳсоли ватанӣ, алалхусус истеҳсоли маҳсулоти ширӣ таҷассум менамояд. Бо дарназардошти коркарди амиқи стратегияи озуқаворӣ мамлакат чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ-иқтисодӣ, ки ба ислоҳоти рушди зеркомплекси ширӣ равона шудаанд, андешида мешаванд.

**Аҳамияти амалии тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои бадастомада метавонанд аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди устувори комплекси агросаноатӣ; аз ҷониби корхонаҳои истеҳсоли шири КАС ҳангоми банақшагирии стратегӣ ва арзёбии устуворӣ онҳо; инчунин аз ҷониби муассисаҳои илмӣ ва донишгоҳҳо ҳангоми тайёр кардани мутахассисони соҳаи иқтисоди аграрӣ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо**. Дурустии натиҷаҳои тадқиқот бо истифода аз асарҳои бунёдии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мушкилоти устуворӣ иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС тасдиқ карда мешавад. Асоснокии хулосаҳо ба истифодаи усулҳои таҳлили иқтисодӣ ва коркарди системавии маълумоти оморӣ бо ёрии нармафзорҳои компютерӣ вобаста аст. Муқаррароти асосии диссертатсия дар корҳои илмии нашршуда пешниҳод гардидаанд, ки ин озмоиш ва объективии онҳоро тасдиқ менамояд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Навоварӣ ва натиҷаҳои тадқиқот ба Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи аграрӣ, мувофиқат мекунанд, аз ҷумла ба бандҳои: 3. Танзими давлатии кишоварзӣ ва дигар соҳаҳои хоҷагии қишлоқ; 5. Хусусиятҳои ташаккули заминаи моддию техникии КАС ва соҳаҳои он; 9. Самаранокии фаъолияти корхонаҳо ва соҳаҳои КАС; 12. Банақшагирӣ ва идоракунии комплекси агросаноатӣ, корхонаҳо ва

соҳаҳои агросаноатӣ; 15. Рушди кооператсияи кишоварзӣ, аз ҷумла истеҳсолот, хизматрасонӣ ва қарздиҳӣ; 20. Рушди устувори кишоварзӣ ва соҳаҳои он, деҳот ва инфрасохтори иҷтимоӣ; 21. Амнияти озуқаворию кишвар, оқибатҳои бӯҳрони ҷаҳонии озуқаворӣ, ҷанбаҳои аграрии вуруди Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат (СҶТ).

**Саҳми шахсии довталаб** дар он ифода меёбад, ки ӯ мувофиқи мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мустақилона омӯзиши ҳамаҷонибаи илмии мушкилотро амалӣ намуда, хулосаҳо таҳия ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомадаро пешниҳод намудааст.

**Озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои рисола.** Натиҷаҳои тадқиқот дар конфронсҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардидаанд. Мавзӯъҳои баромадҳо ба масъалаҳои таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои соҳаи шир дахл доштанд. Дар мавзӯи диссертатсия мақолаҳои дахлдор дар маҷмӯаи маводҳои конфронсҳо нашр шудаанд. Натиҷаҳои тадқиқот инчунин дар раванди таълими Донишгоҳи аграрӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисоди аграрӣ», «Менеҷменти корхонаҳои кишоварзӣ» ва «Стратегияи амнияти озуқаворӣ» истифода шудаанд. Кори диссертатсионӣ дар ҷаласаи шуъбаи тадқиқоти рушд ва ҷойгиркунии қувваҳои истеҳсолии Институти иқтисод ва демографияи АМИТ аз баррасии экспертӣ гузаштааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф аз ҷониби Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи «Барномаи амнияти озуқаворӣ барои солҳои 2026-2030», стратегияҳои давлатӣ, пешгӯиҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба инобат гирифта шудаанд (маълумотнома дар бораи татбиқ №2/7-861 аз 01.12.2025).

**Нашри натиҷаҳои тадқиқот.** Дар мавзӯи тадқиқот 10 кори илмӣ, аз ҷумла 1 монография, 7 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мақолаҳии илмии муаллиф нашр шудаанд, инчунин дар шакли маруза ва баромадҳо дар конфренсияҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дарҷ шудаанд.

**Сохтори диссертатсия** аз муқаддима, се боб, нӯҳ параграф, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат буда, ҳаҷми умумии он 170 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад, ки дар он 46 мавод дар шакли ҷадвалҳо ва графикҳо пешниҳод шудааст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАДҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзӯъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши илмии он таҳлил ёфта, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияи тадқиқот муайян карда шудаанд. Асосҳои назариявӣ ва методологии кор, заминаи манбаъвии он, навоварии илмӣ, муқаррарот барои ҳимоя ва саҳми шахсии муаллиф баён гардидаанд; натиҷаҳои таҳлил ва механизмҳои пешниҳодшудаи

таҳкими устувории иқтисодии корхонаҳои зермаҷмӯи шири иқтисодиёт манзур шудаанд.

**Боби якум «Асосҳои назариявии муайян намудани устувории иқтисодии корхонаҳои зермаҷмӯи шири КАС»** ба кушодани моҳияти устувории иқтисодӣ ва нақши он дар таъмини амнияти озуқаворӣ, мураттабсозии омилҳои ташаккули он ва асосноккунии равишҳои методӣ ҷиҳати арзёбии устувории корхонаҳои кишоварзӣ бахшида шудааст.

Амнияти озуқаворӣ ҳамчун афзалияти бунёдии сиёсати миллӣ баррасӣ мешавад, ки на танҳо таъминоти физикии аҳолӣ, балки соҳибихтиёрии сиёсӣ, суботи молиявӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишварро муайян менамояд. Мустақилии миллии озуқаворӣ дар ҳолате бадастомада ҳисобида мешавад, ки агар на камтар аз 80%-и талаботи солонаи аҳолӣ ба маҳсулоти асосӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ пӯшонида шавад. Зуҳуроти буҳронӣ дар иқтисодиёт ва логистика осебпазирии моделҳои анъанавии идоракуниро ошкор намуда, гузариш ба равишҳои мутобиқшавии чандирро талаб мекунанд. Устувории соҳаи аграрӣ дар маҷмӯъ аз устувории корхонаҳои алоҳидаи истеҳсолӣ вобастагӣ дорад.

Дар мавриди корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС, устувории иқтисодӣ хусусияти хосро касб мекунад. Истеҳсоли шир бо давраи муттасили биологӣ (говҳоро бояд ҳамарӯза дӯшид), маҳсулоти зудвайроншаванда ва вобастагии шадид аз шароити табиӣ-иқлимӣ ва заминаи хӯроки чорво тавсиф меёбад. Бинобар ин, устувории корхонаҳои ширӣ ифодагари қобилияти онҳо дар самти мунтазам истеҳсол намудани шир ва маҳсулоти ширии дорои сифати матлуб ва дар ҳаҷми кофӣ мебошад, ки сарфи назар аз тағйироти мавсимӣ, тағйирёбии нархи хӯроки чорво, бемориҳои чорво ва дигар хавфҳои соҳа, даромаднокии молиявиро нигоҳ медоранд. Чуноне ки иқтисодчиёни тоҷик Ашуров И.С., Комилов С.Д., Қодиров Т.А., Раҷабов Ф.М. қайд мекунанд «...таъмини боэътимоди аҳолӣ бо маҳсулоти озуқавории истеҳсоли худӣ имрӯз вазифаи калидии иқтисодиёт буда, истиқлолияти озуқавории кишвар аз фаъолияти самаранок ва устувори соҳаҳои маҷмӯи озуқаворӣ вобастагии зиёд дорад» [30, с. 78; 35, с.196; 25, с. 48]. Ҳамин тариқ, устувориро метавон ҳамчун ҳолате муайян кард, ки дар он корхона қодир аст маҳсулоти ширирo пайваста ва бо фоида истеҳсол намуда, талаботи бозорро қонеъ гардонад ва ухдадориҳои худро ҳатто дар шароити таъсири омилҳои номатлуб иҷро намояд.

Мадаминов А.А. устувории истеҳсолотро ҳамчун «қобилияти бо маҳсулоти хушсифат дар ҳаҷм ва навъҳои зарурӣ таъмин намудани аҳолӣ дар давоми сол, аз ҷумла интиқоли он ба масофаҳои гуногун» муайян кардааст [16, с. 152].

Шоймардонов Ҳ.К. таъкид менамояд, ки «...корхонаҳои устувори гӯшту шир таъминоти мунтазами аҳолиро бо гӯшт ва шир кафолат дода, дар амнияти озуқаворӣ ва истиқлолияти иқтисодии минтақа саҳм мегузоранд» [56, с. 47].

Баъзе олимон бар он ақидаанд, ки «устувории иқтисодии корхонаҳо ба дастрасии нархи маҳсулоти озуқаворӣ (ҷузъи дастрасии амнияти озуқаворӣ) таъсир мерасонад. Фаъолияти муътадили соҳа одатан бо пешгӯишавандагии нисбии нархҳо сурат мегирад: ҳангоми афзоиши истеҳсолот ва коҳиши хароҷот, нархи шир дар сатҳи муътадил боқӣ мемонад. Агар корхонаҳо ноустувор бошанд (масалан, зиёновар ё муфлис шаванд), дар бозори дохилӣ норасоии маҳсулот ба миён меояд, ки ин боиси болоравии нархҳо гардида, ба истеъмолкунандагон, бахусус табақаҳои камбизоат, зарар мерасонад. Устуворӣ имкон медиҳад, ки тағйирёбии нархҳо ҳамвор карда шуда, дар солҳои ҳосилхез захираҳои маҳсулот ва дар ҳолати камҳосилӣ захираҳои суғуртавӣ ба вуҷуд оварда шаванд. Сониян, корхонаҳои устувор имкон доранд, ки ба технологияҳои баланд бардоштани самаранокӣ ва паст кардани арзиши аслӣ сармоягузорӣ кунанд, ки ин маънои боздоштани афзоиши нархи маҳсулоти ниҳоиро дорад» [31; 39; 33; 49].

Муайян гардид, ки корхонаи устувори аграриро аз рӯи як қатор нишонаҳои (хусусиятҳои) калидӣ метавон муайян кард. Ба қатори зуҳуроти берунии устуворииқтисодӣ инҳо дохил мешаванд:

– мувозинати молиявӣ – даромади корхона аз хароҷоти он зиёдтар мебошад, пардохттавонӣ ва пардохтпазириро (ликвидностро) нигоҳ медорад, аз рӯи уҳдадориҳои худ саривақт ҳисоббаробарӣ мекунад;

– рентабелӣ ва андӯхт – мунтазам ба даст овардани фоидае, ки барои такрористеҳсоли оддӣ ва васеъ (сармоягузорӣ ба рушд) кифоя аст;

– вобастагии паст аз омилҳои манфӣ – қобилияти идома додани фаъолият дар шароити тағйирёбии нархҳо, ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво, аномалияҳои обу ҳаво ва ғайра (талафоти ҳадди ақал ҳангоми таъсироти стрессӣ);

– мутобиқшавӣ ва чандирӣ – корхона ба тағйироти бозор (талабот ба шир, нархи ашёи хом) зуд мутобиқ мешавад, инноватсияҳо ва технологияҳои навро ҷорӣ намуда, устуворииҳудро нисбат ба тағйироти муҳити беруна баланд мебардорад;

– муътадилии истеҳсолот – ҳаҷми нисбатан якнавохти истеҳсолот бидуни коҳиши шадид, саршумори муътадили подаи ширдеҳ, набудани халалдоршавии дарозмуддат дар таъмини бозор бо маҳсулот.

Дар кори диссертатсионӣ аз ҷониби мо устуворииқтисодии корхона ҳамчун қобилияти нигоҳ доштани мувозинат ва иқтидори рушд таҳти таъсири омилҳои бесуботкунандаи берунӣ ва дохилӣ тафсир карда мешавад. Нисбат ба

соҳаи шир устуворӣ маънои қобилияти корхонаро дар нигоҳ доштани рақобатпазирӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳо ба манфиати амнияти озуқаворӣ дорад. Дар ин замина, муаллиф мафҳумҳои зеринро тафриқа мекунад: «муътадилӣ» — тағйирнопазирии нишондиҳандаҳо, «устуворӣ» — қобилияти рушд ва таҳаввулоти босифат.

Ба ақидаи Окладский П.В.: «...устуворииқтисодӣ — ин қобилияти корхона дар нигоҳ доштани мувофиқати (мутаносибӣ, ҳамоҳангӣ) параметрҳои дохилии худ бо шароити тағйирёбандаи муҳити берунӣ ва дохилӣ мебошад, ки фаъолияти муътадил ва натиҷабахши онро ҳатто ҳангоми таъсири омилҳои ноустуворкунанда таъмин менамояд» [45, с.72].

Устуворииқтисодӣ - ин омили амнияти дарозмуддати озуқаворӣ мебошад, ки бо мустақилият ва новобастагии кишвар дар таъминоти ғизо алоқаманд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи амнияти озуқаворӣ махсусан мубрам мебошад. Захираҳои маҳдуди кишоварзӣ (замин, об) ва афзоиши аҳолӣ барои қонеъ гардонидани тамоми талаботи ғизоӣ аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ чолишҳо ба миён меоранд. Дар чунин шароит устуворииқтисодии ҳар як ҳалқаи истеҳсолоти кишоварзӣ саҳмест дар новобастагии умумии озуқаворӣ. Агар корхонаҳои ширӣ устувор бошанд, кишвар аз воридоти шири хушк, маска ва дигар маҳсулоти ширӣ камтар вобаста мегардад.

Вобастагии барзиёд аз воридоти озуқаворӣ ба амнияти иқтисодии давлат таҳдиди мустақим дорад: таъминкунандагони хориҷӣ метавонанд нархҳои худро таҳмил намоянд, ширкатҳои хориҷӣ истеҳсолкунандагони маҳаллиро аз бозор танг карда бароранд ва ҳангоми номусоидии конъюнктураи ҷаҳонӣ (масалан, болоравии нархҳои ҷаҳонӣ ё халалдоршавии занҷираҳои логистикӣ) кишвар метавонад бо норасоии маҳсулот дучор шавад. Тавре ки Гулов И.М. дуруст қайд менамояд, «афзоиши вобастагии воридотӣ дар таъминоти ғизо барои ҷумҳурӣ хавфҳои ҷиддӣ эҷод мекунад ва ҷустуҷӯи тавозуни оптималиро байни иштирок дар савдои ҷаҳонӣ ва такя ба истеҳсолоти худӣ тақозо менамояд» [55, с. 25]. Бахши миллии аграрии аз ҷиҳати иқтисодӣ устувор имкон медиҳад, ки ин тавозун бидуни даст кашидан аз тамоми афзалиятҳои савдо, ба самти худкифоягӣ майл намояд.

Ниҳоят, устуворииқтисодии ширӣ барои таъминоти минтақавии озуқаворӣ низ муҳим мебошад. Дар дохили кишвар минтақаҳое мавҷуданд, ки дар онҳо амнияти озуқаворӣ бештар осебпазир аст. Мавҷудияти хоҷагиҳои устувори деҳқонӣ ва кооперативии истеҳсоли шир дар ҳар як минтақа маънои онро дорад, ки аҳолии маҳаллӣ бо маҳсулоти асосӣ таъмин буда, аз интиқоли онҳо аз марказҳо камтар вобаста мебошад. Ин амнияти минтақавии озуқавориро баланд бардошта, номутаносибии ҳудудиро коҳиш медиҳад. Илова бар ин, чорводории ширӣ бо дигар соҳаҳо (истеҳсоли хӯроки чорво, чорводории гӯштӣ)

зич алоқаманд аст ва рушди устувори он устувории кишоварзиро дар маҷмӯъ ҳавасманд мегардонад, ки ин қисми таркибии амнияти миллии озуқаворӣ ба шумор меравад.

Зеркомплекси шири иқтисодиёт дар сохтори КАС мавқеи махсусро ишғол мекунад. Маҳсулоти соҳа дорои аҳамияти баланди иҷтимоӣ буда, бозори истеъмолӣ беш аз 70%-аш аз ҳисоби бахши аграрӣ ташаккул меёбад. Омилҳои хосе муайян карда шудаанд, ки соҳаи устувории корхонаҳои ширирo муайян мекунанд: муттасилии давраи биологӣ (хӯрокунонӣ ва ҷӯшидани шир таваққуфро қабул надоранд ва низоми сахти идоракуниро талаб мекунанд); хавфҳои баланди инфрасохторӣ (хусусияти зудвайроншавандагии шир нисбат ба логистика ва иқтидорҳои яхдони талаботи қатъӣ мегузорад); вобастагӣ аз заминаи хӯрокворӣ (маҳсулнокии чорво мустақиман ба ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво вобаста аст, ки соҳаро дар назди хавфҳои иқлимӣ осебпазир мегардонад).

**Расми 1. - Омилҳои устувории истеҳсоли шир**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Фаъолияти устувори хоҷагиҳои ширӣ пешниҳоди дохилии озуқавориро таъмин намуда, тағйирёбии нархҳоро ҳамвор мекунад ва вобастагиро аз воридоти шири хушк ва равған коҳиш медиҳад. Дар асоси таҳлили омилҳои асосии устуворӣ, таснифоти васеи онҳо пешниҳод шудааст, ки дар он омилҳо на ҳамчун шартҳои пароканда, балки ҳамчун системаи муайянкунандаи афзалиятҳои стратегии рушди корхона баррасӣ мешаванд (Расми 1).

Таснифоти пешниҳодшуда низоми шароитҳоеро, ки дар он истеҳсоли шир фаъолият менамояд, инъикос мекунад. Дар айни замон, таъсири омилҳои алоҳида вобаста ба хусусиятҳои минтақавӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар кор ин омилҳо нисбат ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас карда шудаанд (расми 2).




**Расми 2. - Омилҳои таъсир иқтисодӣ устувории корхонаҳои кишоварзӣ**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф.

Дар заминаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва таҳлили маводи амалӣ, дар диссертатсия нақшае пешниҳод гардидааст, ки омилҳои асосии дохилӣ ва берунии ба устувории истеҳсоли шир таъсиррасонандаро инъикос намуда,

ҳамзамон алоқамандӣ ва таъсири мутақобилаи онҳоро ба якдигар нишон медиҳад.

Омилҳои дохилӣ тавассути захираҳои корхона ва қарорҳои идоракунии қабулшаванда муайян карда мешаванд. Омилҳои берунӣ бошанд, тавассути макромуҳит ташаккул ёфта, ба назорати мустақим аз ҷониби хоҷагӣ тобеъ намебошанд.

Ба ибораи дигар, шароити берунӣ ин вазъи умумии иқтисодии кишвар, сатҳи таваррум, дастрасии захираҳои қарзӣ, сиёсати давлатӣ ва қонунгузорӣ, тамоюлҳои демографӣ, пешрафти илмию техникӣ ва ғайраҳо мебошанд. Тамоми ин падидаҳои берунӣ бавосита ё бевосита ба фаъолияти корхонаҳои ширӣ таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, омилҳои дохилӣ аз ҷониби худи корхона муайян карда мешаванд: сохтор ва самаранокии истеҳсолот, сатҳи технологияҳо ва таҷҳизот, тахассуси кормандон, ҳолати заминаи хӯроки чорво ва пода, низоми фурӯш ва идоракунии молиявӣ. Ҳамаи ин ба устувории иқтисодии ташкилот таъсири мустақим мерасонад.

Нишон дода шудааст, ки зимни баррасии омилҳои устувории иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, қабл аз ҳама, гурӯҳи омилҳои ҷудокардаи Маркова В.Д. ва Кузнетсова С.А.-ро қайд менамоем. Ба ақидаи онҳо «гурӯҳи аввали омилҳо «тағйирёбии микромуҳит ва чаҳорчӯбаи институтсионалии фаъолияти ширкатҳо» зарурати омӯзиши экосистемаи соҳибкориро ба миён меорад, ки ин васеъ намудани ҳудуди таҳлили муҳити берунӣ, инчунин усулҳо ва воситаҳои чунин таҳлилро тақозо мекунад. Гурӯҳи дуюми омилҳо «трансформатсияи соҳаҳо ва бозорҳо» бо тамоюлҳои коҳиш ёфтани нақши монеаҳои анъанавии воридшавӣ ба ин ё он бозор, набудани ҳудуди дақиқи соҳавӣ ва рушди соҳаҳои ҳамсоя алоқаманд мебошад, ки ин дар маҷмӯъ барои корхона гузаронидани таҳлили арзиши маҳсулот барои истеъмолкунанда ва таҳлили рақибонро мушкил мегардонад. Гурӯҳи навбатии омилҳо «тағйирёбии хусусияти рақобат» пешбинӣ менамояд, ки дар натиҷаи ҷаҳонишавии иқтисодиёт шумораи рақибон ба таври назаррас афзоиш ёфта, имконияти тақлид ба маҳсулоти ширкатҳои пешсаф пайдо шуд ва воситаҳои технологияҳои иттилоотӣ имкон доданд, ки новобаста аз макони ҷойгиршавӣ, кооператсияи фаврии шахсони алоҳида ё коллективҳои хурд ба роҳ монда шавад. Бинобар ин, мазмун, шакл ва самтҳои муборизаи рақобатӣ тағйир меёбанд. Гурӯҳи чорум ва ҷамъбастии омилҳо «моделҳои нави рафтори истеъмолкунандагон» ном гирифтааст. Бо сабаби сершавии бозорҳо ва шаффофияти иттилооти бозорӣ, истеъмолкунандагон дараҷаи вафодории худро ба маҳсулот коҳиш дода, дархостҳои худро на танҳо бо гирифтани маҳсулот, балки бо расонидани хидматҳо ва ҳалли мушкилоти вобаста ба он васеъ менамоянд. Дар чунин шароити ноустувории рафтори истеъмолкунандагон ва

тағйирёбии арзишҳои онҳо, ширкатҳо маҷбур ҳастанд, ки усулҳои кори худро бо онҳо густариш диҳанд» [37, с. 268-270].

Дар доираи соҳаи шир бисёр тадқиқотчиён пешниҳод менамоянд, ки ҳангоми таснифоти омилҳо равиши низомӣ (системавӣ) бо назардошти ҷанбаҳои хоси рушди устувори истеҳсоли шир истифода шавад. Аз ҷумла, Федорова М.А. ва Гаврилова О.Ю. пешниҳод мекунанд, ки «омилҳо аз рӯи ду нишона гурӯҳбандӣ карда шаванд: аз рӯи соҳаи пайдоиш (берунӣ ва дохилӣ) ва аз рӯи ҷузъҳои рушд – иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ» [52, 192]. А.В. Белокопытов ва Е.К. Иванова низ чунин ақида дошта, қайд мекунанд, ки ба «устувории чорводории ширӣ омилҳои зернизомҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва истеҳсолию технологӣ ҳам аз муҳити берунӣ ва ҳам аз муҳити дохилӣ таъсир мерасонанд» [29, 59].

Омилҳо ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо карда шудаанд. Омилҳои дохилӣ тавассути захираҳои корхона ва қарорҳои идоракунии қабулшуда муайян мегарданд; омилҳои берунӣ бошад, аз ҷониби макромуҳит ташаккул ёфта, таҳти назорати мустақими хоҷагӣ қарор намегиранд.

Омилҳои истеҳсолию технологӣ «сатҳи маҳсулнокии рамаи ширдеҳ, сифат ва кофияти заминаи хӯрокворӣ, ҷорикунии технологияҳои муосири нигоҳдорӣ ва дӯшиши чорво, механизатсия ва автоматизатсияи равандҳо. Саршумори чорвои дорои маҳсулнокии баланд ва технологияҳои самаранок ҳаҷми истеҳсоли ширро зиёд ва арзиши аслиро паст намуда, устувориро таҳким мебахшанд. Баръакс, маҳсулнокии пасти говҳо рақобатпазирии хоҷагиро мустақиман заиф месозад. Чунончи, таҳлили фаъолияти корхонаҳо нишон дод, ки маҳз маҳсулнокии пасти ҳайвонот яке аз сабабҳои асосии рақобатпазирии заифи маҳсулоти ширӣ дар бозори дохилӣ гардидааст» [26].

Омилҳои молиявию иқтисодӣ «сохтори хароҷот ва арзиши аслии маҳсулот, сатҳи рентабелнокӣ, таъминот бо воситаҳои гардон, таносуби сармояи ҷалбшуда ва хусусӣ. Яке аз шартҳои асосии рушди устувори истеҳсоли шир паст кардани арзиши аслии воҳиди маҳсулот, махсусан аз ҳисоби оптимизатсияи хароҷоти хӯроки чорво мебошад. Азбаски захираи хӯроки чорво ҳиссаи зиёди хароҷотро ташкил медиҳад, самаранокии истифодаи он (баланд бардоштани ҳосилнокии зироатҳои хӯроки чорво, хӯрокунонии оқилона) метавонад устувории молиявии хоҷагиро ба таври назаррас таҳким бахшад. Илова бар ин, устувории молиявӣ тавассути пардохтпазирии корхона ва қобилияти он дар ҷамъоварии захираҳо барои давраҳои номусоид муайян карда мешавад» [30].

Омилҳои берунӣ танзими давлатӣ, конъюнктураи бозор ва таъминнокии инфрасохториро фаро мегиранд. Субсидияҳо барои ҷавонаҳои зотӣ ва қарзҳои имтиёзнок ҳамчун воситаи дастгирии амнияти озуқаворӣ ва воридотивазкунӣ баррасӣ мегарданд. Тағйирёбии талабот ва нарх ба шир ва хӯроки чорво дар

ҷойҳое, ки кооператсияи истеҳсолкунандагон бо коркардкунандагон вуҷуд надорад, фаъолияти корхонаҳоро бесубот месозад. Норасоии иқтидорҳои сардхонагӣ ва шабакаи рушднаёфтаи роҳҳо рушди соҳаро боздошта, талафоти хоҷагиҳоро афзоиш медиҳанд.

Таснифоти омилҳо аз рӯи дараҷаи идорашавандагӣ ба таври алоҳида баррасӣ шудааст. Омилҳои идорашаванда (сохтори истеҳсолот, сиёсати хароҷот) таҳти таъсири менеҷмент қарор мегиранд. Омилҳои идоранашаванда (буҳронҳои макроиқтисодӣ, аномалияҳои табиӣ) мавҷудияти низомҳои вокуниши зиддибуҳрониро, ки қаблан тарҳрезӣ шудаанд, талаб менамоянд. Тағйирёбии мавсимии ширдӯшӣ ҳамчун омили даврӣ барои соҳаи шир хос буда, истифодаи чандири захираҳо ва технологияҳоро тақозо мекунад. Ба қатори омилҳои берунии хатарнок маҳдудияти захираҳои замину об, эрозияи чарогоҳҳо ва норасоии оби полезӣ дохил карда шудаанд.

Ноил шудан ба устувори дар чунин шароит ҳангоми ҳамзамон истифода бурдани захираҳои дохилӣ (интенсификатсияи истеҳсолот, ҷорикунии баҳисобгирии рақамӣ) ва беҳтар намудани муҳити берунӣ: паритети нархҳо ва рушди инфрасохтори деҳот имконпазир аст. Баҳисобгирии низомии ин омилҳо имкон медиҳад, ки на танҳо таҳдидҳо ошкор карда шаванд, балки нуқтаҳои рушд барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори дохилӣ муайян гарданд.

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки устувории иқтисодии корхонаи саноатӣ ё аграрӣ бевосита аз сифати идоракунии стратегӣ ва таҳлили системавӣ вобастагӣ дорад. Объективии чунин арзёбӣ бениҳоят муҳим мебошад, зеро ҳама гуна носаҳеҳӣ дар маълумот сифати қарорҳои идоракуниро дар тамоми сатҳҳои ташкилот коҳиш медиҳад.

Дар КАС ин мушкилот бинобар омезиши ноустувории бозор ва хавфҳои иқлимӣ шадидтар ба назар мерасанд. Вобастагии истеҳсолот аз даврaҳои биологӣ аз роҳбарият дақиққориро дар ҳама самтҳо тақозо менамояд: аз омодасозии хӯроки чорво то таҳлили маҳсулнокии рамма. Дар чорводории ширӣ устувории тиҷорат аз қобилияти бартараф намудани таъсири мавсимият ва тафовути нархҳо вобаста мебошад. Иштибоҳҳо дар арзёбии дороиҳо дар ин самт ниҳоят хатарнок мебошанд, зеро онҳо ба таназзули хоҷагӣ ва аз даст рафтани иқтидори иқтисодӣ оварда мерасонанд.

Ҷамъбасти таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии арзёбии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба хулосае оварда расонд, ки сарфи назар аз тафовути нишондиҳандаҳо, тамоми усулҳо дар ниҳояти кор ба ташхиси вазъи молиявӣ равона мегарданд. Унсури марказии фаҳмиши устувориро консепсияи тавозуни инфиродии молиявӣ-иқтисодӣ ташкил медиҳад, ки дар он дороиҳои истеҳсолӣ пурра бо сармояи худӣ таъмин гардида, дороиҳои молиявӣ уҳдадориҳоро рӯйпӯш менамоянд.

Ҳамчун самти асосии методологӣ «нуқтаи мувозинати молиявӣ-иқтисодӣ» баромад мекунад. Бархилофи саноат, дар бахши аграрӣ нақши калидиро фосилаи байни маблағгузорӣ (кишт, омодасозии хӯроки чорво) ва ба даст овардани даромад (фурӯши шир, ҳосил) мебозад. Аз ин хотир, устувории молиявии ташкилотҳои аграрӣ на танҳо тавассути сохтори сармоя, балки бо дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок ва субсидиягузорӣ, ки хароҷоти мавсимиро ҷуброн менамоянд, муайян карда мешавад. Устувории молиявӣ тавассути сохтори сарчашмаҳои маблағгузорӣ ва самаранокии истифодаи онҳо муайян мегардад.

Дар рисола барои арзёбии сатҳи устувории иқтисодии корхонаҳои КАС низоми маҷмӯии нишондиҳандаҳои ба ҳам алоқаманд пешниҳод гардидааст, ки он коэффитсиенти сармоякунонӣ ва мустақилияти молиявиро барои арзёбии сохтори сармоя, коэффитсиенти чандириро барои таҳлили сармоя, инчунин коэффитсиенти пардохтпазирӣ ва самаранокии тиҷоратро дар бар мегирад. Истифодаи он имкон медиҳад, ки хавфҳои дохилӣ ва берунӣ муайян карда шуда, қарорҳои асосноки идоракунӣ қабул гарданд (Ҷадвали 1).

**Ҷадвали 1. – Нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи устувории иқтисодии корхонаҳои КАС**

| **Таъиноти нишондиҳандаҳо** | **Номгӯи нишондиҳандаҳои ҷузъӣ** | **Формулаи ҳисоб** | **Нишондиҳандаи ҷамъбастӣ** |
|---|---|---|---|
| Арзёбии устувории фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ | Истеҳсоли маҳсулот бо ифодаи аслӣ | | Коэффитсиенти устувории фаъолияти истеҳсолию иқтисодӣ |
| | Ҳаҷми фурӯш | | |
| | Фоида | Даромад аз фурӯш — арзиши аслии маҳсулот | |
| | Рентабелнокии фурӯш | Фоида / Даромад | |
| | Рентабелнокии сармоя | Фоида / Сармояи умумӣ | |
| Арзёбии устувории молиявию иқтисодӣ | Коэффитсиенти сармоякунонӣ | Сармояи хусусӣ / Сармояи қарзӣ | Коэффитсиенти устувории фаъолияти молиявию иқтисодӣ |
| | Коэффитсиенти мустақилияти молиявӣ | Сармояи хусусӣ / Маблағи умумии сарчашмаҳои маблағгузорӣ | |
| | Коэффитсиенти чандирии сармоя | Сармояи гардони хусусӣ / Сармояи хусусӣ | |
| | Коэффитсиенти пардохтпазирӣ | (Маблағҳои пулӣ + сармоягузориҳои молиявии кӯтоҳмуддат) / Уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат | |
| Арзёбии ҷамъбастии устувории иқтисодӣ | | | Коэффитсиенти интегралии устувории иқтисодии корхона |

**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф.*

Барои ҳисобкунии рейтинги умумӣ дар диссертатсия дар заминаи таҳлили муносибатҳои гуногуни математикӣ, усули ташаккули нишондиҳандаи

интегралӣ пешниҳод гардидааст, ки он тавассути зарби коэффитсиентҳои нишондиҳандаҳои хусусии тавсифкунандаи динамикаи ҷанбаҳои гуногуни устувории иқтисодии корхона ҳисоб карда мешавад:

$$УИ = УИИ \times УМИ$$

ки дар он: УИ – устувории иқтисодии корхона; УИИ – устувории истеҳсолию иқтисодӣ; УМИ – устувории молиявию иқтисодӣ.

«Устувории истеҳсолию иқтисодии корхона ҳамчун ҳосили зарби чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди коэффитсиентҳои афзоиши истеҳсоли маҳсулот, ҳаҷми фурӯш, фоида, рентабелнокии фурӯш, рентабелнокии фаъолияти хоҷагидорӣ ва рентабелнокии сармоя, ки ҷанбаи мазкури фаъолияти иқтисодии корхонаро тавсиф мекунанд, муайян карда мешавад.

Устувории молиявию иқтисодии корхона ҳамчун ҳосили зарби нишондиҳандаҳои хусусӣ, назири суръати афзоиши коэффитсиентҳои сармоякунонӣ, мустақилияти молиявӣ, чандирии дороиҳо, пардохтпазирӣ ва фаъолнокии тиҷоратӣ муайян карда мешавад.

Агар қимати нишондиҳандаи натиҷавӣ ба як баробар бошад, ин маънои онро дорад, ки иқтисодиёти корхона дар ҳолати мувозинат қарор дорад, яъне рушд босубот аст, аммо динамикаи возеҳи мусбат ё манфӣ надорад. Ҳангоми УИ>1, устувории рушди мусбат ба мушоҳида мерасад. Ин аз истифодаи самараноки захираҳо ва мустаҳкам гардидани мавқеъҳои бозорӣ шаҳодат медиҳад. Ҳангоми УИ<1, вазъият ҳамчун рушди ноустувор тавсиф мегардад, яъне тасҳеҳи стратегия ва ҷустуҷӯи захираҳои дохилӣ барои мӯътадил гардонидани вазъият зарур аст» [57, с. 21].

Ҳамин тариқ, устувории иқтисодии корхонаҳои зермаҷмааи ширӣ дар рисола ҳамчун синтези омилҳои истеҳсолию биологӣ (маҳсулнокӣ, ҳифзи саршумори чорво) ва молиявӣ (сохтори сармоя, рӯйпӯш намудани норасоии мавсимии хазина) маънидод карда мешавад.

**Боби дуюм «Таҳлили вазъи кунунӣ ва сатҳи рушди зеркомплекси ширии КАС Тоҷикистон»** ба таҳқиқи вазъи муосир ва тамоюлҳои рушди истеҳсоли шир дар ҷумҳурӣ; таҳлил ва арзёбии устувории иқтисодии корхонаҳои зермаҷмааи ширӣ, инчунин ошкор намудани мушкилот ва омилҳое, ки болоравии онро бозмедоранд, бахшида шудааст.

Нишон дода шудааст, ки кишоварзӣ асоси иқтисодиёти Тоҷикистон боқӣ мемонад. Ҳиссаи он дар ММД 24,3%-ро ва дар шуғли аҳолӣ 61,6%-ро ташкил медиҳад. Чунин тафовути назарраси байни ин нишондиҳандаҳо аз аздиҳоми аҳолии аграрӣ ва хусусияти экстенсивии рушди соҳа шаҳодат медиҳад. Ислоҳоти замин ба рушд такони нав бахшид: дар солҳои 1991-2024 маҳсулоти умумии кишоварзӣ 3,2 маротиба афзоиш ёфт (Ҷадвали 2).

**Ҷадвали 2. – Динамикаи тағйирёбии маҳсулоти умумии кишоварзии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 1991 | 2020 | 2024 | 2024 бо % нисбати 1991 | 2024 бо % нисбати 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| МУ-и кишоварзӣ бо нархҳои муқоисавии соли 2023 (млн. сомонӣ) | 22989,9 | 53235,2 | 73976,6 | 321,8 | 139,0 |
| -растанипарварӣ | 15105,0 | 36919,4 | 50984,9 | 337,5 | 138,1 |
| -чорводорӣ | 7884,9 | 16315,8 | 22991,7 | 291,6 | 140,9 |
| Вазни қиёсӣ, бо %: | 100 | 100 | 100 | | |
| -растанипарварӣ | 65,7 | 69,4 | 68,9 | 104,9 | 99,4 |
| -чорводорӣ | 34,3 | 30,6 | 31,1 | 90,6 | 101,4 |

**Сарчашма:** дар асоси [4, саҳ. 16] ҳисоб карда шудааст.

Дар баробари ин, афзоиш аз ҷиҳати сохторӣ нобаробар буд: растанипарварӣ 3,3 маротиба ва чорводорӣ 2,9 маротиба афзоиш ёфт, ки ин вазни қиёсии онро аз 34,3% то 31,1% коҳиш дод. Сарфи назар аз рушди нисбатан суст, чорводорӣ барои мустақилияти озуқавории кишвар ниҳоят муҳим боқӣ мемонад. Истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра 55,5% зиёд гардид. Пошхӯрии низоми колхозиву совхозӣ сохтори истеҳсолотро ба таври куллӣ тағйир дод. То соли 2024 зиёда аз 90,6%-и ҳаҷми умумии шир (1 073,8 ҳазор тонна) ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ рост меояд (Ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. – Сохтори истеҳсоли шир аз рӯи категорияҳои хоҷагиҳо**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | 2024 % к 2021 |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо | | | | | |
| Тоҷикистон | 1042612 | 1064248 | 1118536 | 1177381 | 112,9 |
| Душанбе | 2800 | 3124 | 4459 | 10 | 0,4 |
| ВМКБ | 18379 | 18643 | 19129 | 19825 | 107,9 |
| Вилояти Суғд | 276695 | 281645 | 293365 | 311091 | 112,4 |
| Вилояти Хатлон | 530019 | 542917 | 575458 | 604804 | 114,1 |
| НТҶ | 214719 | 217919 | 226125 | 241651 | 112,5 |
| Дар корхонаҳои кишоварзӣ | | | | | |
| Тоҷикистон | 16796 | 14906 | 13473 | 12267 | 73,0 |
| Душанбе | 50 | 42,0 | 34 | 7 | 14,0 |
| ВМКБ | 0 | | 37 | 4 | 0,0 |
| Вилояти Суғд | 2972 | 3030,0 | 2501 | 2221 | 74,7 |
| Вилояти Хатлон | 3029 | 2434,0 | 2390 | 2270 | 74,9 |
| НТҶ | 10745 | 9400 | 8510,5 | 7765 | 72,3 |
| Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ | | | | | |
| Тоҷикистон | 41558 | 47036 | 51025 | 55292 | 133,0 |
| Душанбе | 76,0 | 49,0 | 29 | 3 | 3,9 |
| ВМКБ | 189,0 | 173,0 | 139 | 172 | 91,0 |
| Вилояти Суғд | 19419,0 | 21362,0 | 22701 | 23617 | 121,6 |
| Вилояти Хатлон | 17626,0 | 18802,0 | 20083 | 21310 | 120,9 |

Идомаи ҷадвали 3.

| НТҶ | 4248 | 6650 | 8073,3 | 10190 | 239,9 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дар хоҷагиҳои аҳолӣ | | | | | |
| Тоҷикистон | 984258 | 1002306 | 1054038 | 1109822 | 112,8 |
| Душанбе | 2674 | 3033,0 | 4396 | - | - |
| ВМКБ | 18190 | 18470,0 | 18953 | 19649 | 108,0 |
| Вилояти Суғд | 254304 | 257253,0 | 268163 | 285253 | 112,2 |
| Вилояти Хатлон | 509364 | 521681,0 | 552985 | 581224 | 114,1 |
| НТҶ | 199726 | 201869 | 209541 | 223696 | 112,0 |

**Сарчашма:** дар асоси [4, саҳ. 286-289] ҳисоб карда шудааст

Дар рисола нишон дода шудааст, ки соҳаи шир дар таъмини амнияти озуқавории кишвар нақши муҳим мебозад, зеро маҳсулоти ширӣ манбаи муҳими сафеда, чарбҳо, витаминҳо ва минералҳо ба шумор мераванд. Дар маҷмӯъ, тибқи маълумоти соли 2024, дар чорводории Тоҷикистон нисбат ба соли 2000 афзоиши назарраси саршумори ҳамаи намудҳои асосии чорво ба мушоҳида мерасад. Саршумори чорвои калони шохдор аз 1061,8 ҳазор то 2814,0 ҳазор сар (зиёда аз 2,6 маротиба) афзоиш ёфт. Афзоиши аз ҳама зиёд дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд ба қайд гирифта шудааст, ки дар он ҷо рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳо имкон дод, ки пойгоҳи ширии минтақа мустаҳкам карда шавад; дар НТҶ афзоиш тақрибан 176 % ва дар ВМКБ 40 %-ро ташкил дод. Саршумори модаговҳо дар ҳамин давра аз 551,8 то 1473,5 ҳазор сар, яъне қариб се маротиба зиёд шуд. Нишондиҳандаҳои баландтарини афзоиш дар вилоятҳои Хатлон (афзоиш ба 181 %) ва Суғд (ба 172 %) ба қайд гирифта шудаанд, ки ин тамаркузи истеҳсоли ширро маҳз дар ҳамин минтақаҳо тасдиқ мекунад. Саршумори гӯсфанду буз аз 2221,7 то 7256,5 ҳазор сар афзоиш ёфт, ки ин нисбат ба сатҳи соли 2000 зиёда аз се маротиба зиёдтар аст; суръати баландтарини афзоиш дар вилояти Хатлон (афзоиш ба 258 %) ва дар НТҶ (ба 366 %) сабт гардидааст, ки дар онҳо шаклҳои чарогоҳии чорводорӣ фаъолона рушд меёбанд. Дар давраи солҳои 2000-2024 дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ динамикаи мусбати устувори саршумори чорвои кишоварзӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин аз барқароршавӣ ва мустаҳкамшавии пойгоҳи чорводории бахши аграрии кишвар шаҳодат медиҳад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳиссаи даромади хоҷагиҳои деҳот аз нигоҳдории як сар модагов (бо назардошти фурӯши шир ва афзоиши чорво) дар сохтори умумии даромадҳо метавонад то 50%-ро ташкил диҳад. Ин омил кӯшиши аксарияти сокинони деҳотро барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо доштани ҳадди аққал як сар модагов шарт мегузорад. Зарурати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, хусусан шир, баланд бардоштани маҳсулнокии онро тақозо менамояд. Сарфи назар аз он ки ҳаҷми умумии истеҳсоли шир аз 660 ҳазор тонна дар соли 2010 то тақрибан 1,18 млн тонна дар соли 2024 афзоиш

ёфтааст, нишондиҳандаи миёнаи ширдӯшӣ ба як сар чорво афзоиши назаррас надошт. Маҳсулнокии паст бо норасоии захираҳои хӯроки босифати чорво ва захираҳои зотӣ алоқаманд аст

Дар диссертатсия нишон дода шудааст, ки хусусияти хурди молии истеҳсолот (дараҷаи молнокии хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ 15-20%-ро ташкил медиҳад) шуғли аҳолиро дар деҳот таъмин менамояд, аммо монеи саноатикунонии соҳа мегардад. Парокандагии хоҷагиҳо боиси афзоиши хароҷоти логистикӣ, норасоии ашёи хом ва пурра истифода нашудани иқтидорҳои корхонаҳои коркард (55-65% аз иқтидори умумӣ) мегардад, ки ин қафомонии техникию технологиро боз ҳам мустаҳкам менамояд. Тақсимоти ҳудудии истеҳсолот ба таври назаррас нобаробар буда, аз иқлим ва ҳолати инфрасохтор вобастагӣ дорад. Вилояти Хатлон 44,3%-и ҳаҷми умумии ширдӯширо таъмин менамояд - афзоиш дар давраи таҳлилшаванда 702,6%-ро ташкил дод, вале ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби зиёд кардани саршумори чорво ба даст омадааст, на аз ҳисоби баланд бардоштани маҳсулнокӣ. Вилояти Суғд бо доштани 26,3%-и саршумори чорво 30,6%-и ширро истеҳсол менамояд, ки ин натиҷаи шиддатнокии (интенсивнокии) баланди истеҳсолот ва кооператсияи рушдёфта мебошад. Истеҳсолот дар НТҶ аз ҳисоби наздикӣ ба пойтахт ва бозори мувофиқи фурӯш дастгирӣ меёбад; дар ВМКБ бошад, он бо сабаби иқлими шадид ва душворгузарии ҳудудҳо маҳдуд аст. Дар солҳои 2021–2024 ҳаҷми истеҳсолот дар корхонаҳои калони кишоварзӣ то 73,0%-и сатҳи соли 2021 коҳиш ёфт, ки ин аз буҳрони амиқ дар ин бахш шаҳодат медиҳад (Ҷадвали 4).

**Ҷадвали 4. – Сохтори минтақавии истеҳсоли шир, бо тонна**

| Солҳо | ВМКБ | Хатлон | Суғд | НТҶ | Душанбе |
|---|---|---|---|---|---|
| 2000 | 8388 | 86078 | 175737 | 47544 | - |
| 2005 | 12769 | 212042 | 192775 | 115444 | - |
| 2010 | 17628 | 290708 | 214829 | 137598 | - |
| 2015 | 20509 | 431947 | 239014 | 197430 | - |
| 2020 | 17929 | 515188 | 272960 | 214901 | - |
| 2023 | 19129 | 575458 | 293365 | 226125 | 4459 |
| 2024 | 19825 | 604804 | 311091 | 241651 | 10 |

**Сарчашма:** дар асоси *[3, с.258-260]* ҳисоб карда шудааст.

Таҳлил нишон дод, ки устувории иқтисодии корхонаҳои шир аз бисёр ҷиҳат ба ҳолати захираҳои хӯроки чорво вобаста аст, ки он айни замон дар ҳолати таназули амиқ қарор дорад. Саршумори чорво афзоиш меёбад, вале майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво аз 226,6 ҳазор гектари соли 1991 то 110,9 ҳазор гектар дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Номутаносибии музмини байни чарогоҳҳои тобистона ва зимистона вазъиятро боз ҳам вазнинтар мегардонад. Ба 1 тонна хӯроки тобистона ҳамагӣ 0,6 тонна хӯроки зимистона рост меояд (дар ҳоле ки меъёр бояд 1,4 тонна бошад), ки ин талаботи саршумори чорворо дар давраи

зимистон танҳо 43% таъмин менамояд. Натиҷаи ин ҳолат коҳиши мавсимии ширдӯшӣ ва харобшавии (деградацияи) заминҳо мебошад (Ҷадвали 5).

**Ҷадвали 5. – Майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво, ҳазор га**

| Минтақаҳо | Солҳо | | | | | | | 2024 % к 2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 1991 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | |
| Ҳамагӣ | 226,6 | 107,0 | 105,9 | 113,9 | 115,1 | 115,5 | 110,9 | 103,6 |
| ВМКБ | 13,1 | 3,4 | 3,0 | 3,0 | 3,1 | 3,0 | 2,9 | 85,3 |
| Суғд | 62,5 | 43,0 | 41,0 | 45,2 | 44,9 | 47,9 | 45,8 | 106,5 |
| Хатлон | 98,3 | 37,9 | 40,1 | 43,1 | 45,0 | 43,2 | 39,8 | 105,0 |
| НТҶ | 52,6 | 22,7 | 22,1 | 21,6 | 21,3 | 20,9 | 22,1 | 97,4 |

**Сарчашма:** дар асоси *[4, с.116]* ҳисоб карда шудааст.

Ҳосилнокии чарогоҳҳои зимистона то 3-4 с/га коҳиш ёфта, ҳиссаи хӯрокиҳои консентратӣ дар вояи хӯроки чорво танҳо 12%-ро ташкил медиҳад, ки ин ғизои мутавозини чорворо таъмин карда наметавонад. Таназзули заминҳо маҳсулнокии ширро иловатан ба миқдори 10-15% коҳиш медиҳад, дар ҳоле ки талаботи дохилӣ ба шир меафзояд ва ин тафовути байни талабот ва истеҳсоли воқеиро боз ҳам бештар мегардонад (Ҷадвали 6).

**Ҷадвали 6. - Истеъмоли маҳсулоти ширӣ ба ҳар сари аҳолӣ (кг/сол ба як нафар)**

| Минтақаҳо | Меъёрҳои оқилонаи истеъмоли дар ҶТ тавсияшаванда | Истеъмоли воқеӣ | | | | | | Истеъмоли воқеӣ нисбат ба меъёри оқилона, % | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2018 | 2024 |
| Ҳамагӣ | 113,76 | 107,4 | 105,1 | 105,5 | 105,6 | 108,7 | 112,0 | 94,4 | 98,5 |
| ВМКБ | 113,76 | 77,8 | 78,5 | 79,9 | 80,4 | 81,9 | 84,4 | 68,4 | 74,2 |
| Хатлон | 113,76 | 99,4 | 98,1 | 98,0 | 98,1 | 100,6 | 104,9 | 87,4 | 92,2 |
| Суғд | 113,76 | 149,6 | 148,9 | 150,1 | 150,3 | 155,6 | 159,6 | 131,5 | 140,3 |
| НТҶ | 113,76 | 98,2 | 104,3 | 102,2 | 101,6 | 102,9 | 107,4 | 86,3 | 94,4 |

**Сарчашма:** дар асоси *[4, с.286; 2]*ҳисоб карда шудааст.

Ҳангоми 113,76 кг дар як сол будани меъёри оқилонаи истеъмол, нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳуриявӣ ба 98,5%-и он расид. Ин меъёр танҳо дар вилояти Суғд (140,3%) барзиёд таъмин гардидааст, дар ҳоле ки дар ВМКБ норасоии назаррас (74,2%) боқӣ мемонад. Дар давраи баррасишаванда истеҳсоли шир ба таври назаррас афзоиш ёфт. Дар соли 2019 дар сурати 1000,6 ҳазор тонна будани ҳаҷми истеҳсолот, истеъмол 1059,5 ҳазор тонна ва коэффитсиенти худтаъминкунӣ 94,4%-ро ташкил медод. То соли 2024 истеҳсолот то 1177,3 ҳазор тонна ва коэффитсиенти худтаъминкунӣ то 98,5% афзоиш ёфт, ки ин амалан маънои қонеъ гардонидани талаботи дохилиро аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ дорад (Ҷадвали 7).

**Ҷадвали 7. – Динамикаи дараҷаи худтаъминкунии Тоҷикистон бо маҳсулоти ширӣ**

| Солҳо | Истеҳсоли худӣ, ҳазор т | Истеъмол, ҳазор т | Коэффитсиенти таъминнокӣ, % |
|---|---|---|---|
| 2019 | 1000,6 | 1059,5 | 94,4 |
| 2020 | 1020,9 | 1105,4 | 92,4 |
| 2021 | 1042,6 | 1124,7 | 92,7 |
| 2022 | 1064,2 | 1146,5 | 92,8 |
| 2023 | 1118,5 | 1170,4 | 95,6 |
| 2024 | 1177,3 | 1195,4 | 98,5 |

**Сарчашма:** дар асоси *[4, с.286; 2]* ҳисоб карда шудааст

Бо мақсади муайян намудани тафовутҳо дар самаранокии истеҳсолот, дар диссертатсия дар мисоли се корхона: ҶДММ «Латиф Мурод», ҶДММ «Афзали Зарзамин» ва «М.А. Ҳамадонӣ» барои солҳои 2020–2024 таҳлили микроиқтисодӣ гузаронида шудааст, ки он қонуниятҳои асосӣ ва хусусиятҳои фаъолияти зермаҷмааи ширирo дар шароити тағйирёбии бахши аграрии Тоҷикистон ошкор менамояд. Динамикаи истеҳсоли шир, саршумори чорво, хароҷот ва натиҷаҳои молиявӣ гуногунии тамоюлҳоеро нишон медиҳад, ки ҳам аз маҳдудиятҳои дохилии захиравӣ ва ҳам аз омилҳои берунаи институтсионалию бозорӣ бармеоянд. Шумораи зиёди саршумори модаговҳо ва истеҳсоли шир дар соли 2024 дар ҶДММ «Латиф Мурод» ба мушоҳида мерасад (мутаносибан 355 сар ва 1870,3 т), ҷойи дуюмро аз рӯи ин нишондиҳандаҳо ҶДММ «Афзали Зарзамин» (мутаносибан 200 сар ва 1173,7 т) ва сеюмро «М.А. Ҳамадонӣ» (мутаносибан 94 сар ва 212,1 т) ишғол мекунанд. Аммо, баландтарин миқдори ширдӯшӣ аз як сар модагов дар ҶДММ «Афзали Зарзамин» (16 л/рӯз) ба даст омадааст, ки пас аз он ҶДММ «Латиф Мурод» ва «М.А. Ҳамадонӣ» (мутаносибан 14,4 ва 6,2 л/рӯз) қарор доранд (Ҷадвали 8).

**Ҷадвали 8. – Шумораи саршумори говҳо ва истеҳсоли шир дар баъзе корхонаҳои кишоварзии кишвар**

| | 2023 | | 2024 | | | 2024 нисбат ба 2023, % |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Миқдори саршумори говҳо, сар | Шир, тонна | Миқдори саршумори говҳо, сар | Шир, тонна | Ширдӯшӣ аз 1 сар гов, л/рӯз | Шир, тонна |
| ҶДММ «Афзали Зарзамин» | 200 | 1160,8 | 200 | 1173,7 | 16 | 101,1 |
| ҶДММ «Латиф Мурод» | 355 | 1764,4 | 355 | 1870,3 | 14,4 | 106,0 |
| «М.А. Хамадони» | 94 | 281,5 | 94 | 212,1 | 6,2 | 75,3 |

**Сарчашма:** дар асоси *[1]* ҳисоб карда шудааст.

«Латиф Мурод» маблағҳоро ба хӯроки мутавозин равона месозад, ки ин бо нишондиҳандаҳои баланди ширдӯшӣ ҷуброн мегардад. Ин аз миқдори нисбатан оқилонаи саршумори модаговҳо ва бо хӯрок таъмин будани онҳо шаҳодат медиҳад. Яъне, таносуби оптималии саршумори чорво ва шароити маҳаллии пойгоҳи хӯроки чорво ба даст оварда шудааст. Дар заминаи тафовутҳо ва тамоюлҳои ошкоршуда самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии истеҳсоли шир муайян карда шуданд, аз ҷумла: ҷорӣ намудани низомҳои муосири рақамии идоракунии пода, муносибгардонии пойгоҳи хӯроки чорво тавассути вояҳои мутавозини ғизо, корҳои селексионӣ бо истифода аз технологияҳои пешқадами такрористеҳсолкунӣ, инчунин тавсеаи ҳамкорӣ бо корхонаҳои коркард. «М.А. Ҳамадонӣ», баръакс, захираҳоро ба растанипарварӣ аз нав тақсим мекунад, дар ҳоле ки самти истеҳсоли шир дар ҳолати рукуд қарор дорад. Натиҷаҳои молиявӣ ин тафовутро тақвият мебахшанд. «Латиф Мурод» ва «Афзали Зарзамин» ба таври устувор ҳаҷми даромад ва фоидаро афзоиш медиҳанд, аммо «М.А. Ҳамадонӣ» мунтазам зарар мебинанд. Дар кори диссертатсионӣ инчунин нишондиҳандаҳои сифатие муайян карда шудаанд, ки устувории истеҳсоливу иқтисодии корхонаҳоро тавсиф менамоянд (ҷадв. 9).

**Ҷадвали 9. – Натиҷаҳои арзёбии дараҷаи устувории истеҳсолию иқтисодии корхонаҳо**

| Номгӯи нишондиҳандаҳои хусусӣ | Латиф Мурод | | М.А.Ҳамадонӣ | | Афзали Зарзамин | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 |
| Даромад, сомонӣ | 16232480 | 17300275 | 3447410 | 2411316 | 10760616 | 10880199 |
| Фоида | 1693824 | 1832894 | -625098 | -219213 | 1509040 | 1643180 |
| Даромаднокии фурӯш | 10,4 | 10,6 | -18,1 | -9,1 | 14,0 | 15,1 |
| Даромаднокии сармоя | 3,6 | 7,2 | -6,3 | -1,4 | 27,0 | 21,8 |

**Сарчашма:** дар асоси *[1]* ҳисоб карда шудааст.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои молиявии корхонаҳо роҳҳо (троектория)-и гуногуни рушдро нишон дод. Сатҳи баландтарини даромаднокии фурӯш ва сармоя дар ҶДММ “Афзали Сарзамин” (15,1% ва 21,8%), дуюм-ҶДММ “Латиф Мурод” (мувофиқан 10,6% ва 7,2%) ва “М.А. Ҳамадонӣ” (9,1% ва 1,4%) ба даст оварда шудааст. ҶДММ "Афзали Зарзамин" беҳтаршавии нишондиҳандаҳои калидии фоидаовариро нишон дод, ки самаранокии тадбирҳои алоҳидаи идоракунӣ ва мавҷудияти иқтидори рушдро тасдиқ мекунад. Баръакс, «М. А. Ҳамадонӣ» дар тӯли ин давра зарарова буд ва далелҳои ошкоршуда ба мушкилоти амиқи сохторӣ ишора мекунанд. Хулоса баровардан мумкин аст, ки бо нигоҳ доштани тамоюлҳои ҷорӣ, дурнамои рушди устувори ҶДММ "Афзали Зарзамин"

ва ҶДММ «Латиф Мурод» умедбахштар ба назар мерасанд, дар ҳоле ки барои «М. А. Ҳамадонӣ» барои ба даст овардани муътадиляти молиявӣ тағироти қатъӣ дар системаи идоракунӣ зарур аст.

Устувории молиявию иқтисодӣ нишондиҳандаи калидие ба шумор меравад, ки қобилияти корхонаро барои самаранок идора кардани захираҳо, таъмин намудани мувозинат байни сармояи қарзӣ ва худӣ, нигоҳ доштани пардохтпазирӣ ва ҳифзи муътадилӣ дар шароити лапишҳои бозорӣ инъикос менамояд. Баҳодиҳии он дар асоси таҳлили коэффитсиентҳои сармоякунонӣ (капитализатсия), мустақилияти молиявӣ ва пардохтпазирӣ, инчунин нишондиҳандаи интегралии устуворӣ, ки имкон медиҳад тамоюли умумӣ дар динамикаи ҳолати молиявии корхона ошкор карда шавад, гузаронида мешавад.

Таҳлили молиявӣ дар мисоли корхонаҳои ҶДММ «Афзали Зарзамин», ҶДММ «Латиф Мурод» ва «М.А. Ҳамадонӣ» барои соли 2024 имкон медиҳад, ки тафовутҳо дар устуворӣ ва пардохтпазирии онҳо ошкор карда шаванд (ҷадв. 10).

**Ҷадвали 10. – Арзёбии дараҷаи устувории молиявию иқтисодии корхонаҳо**

| Номгӯи нишондиҳандаҳои хусусӣ | Латиф Мурод | | М.А.Ҳамадонӣ | | Афзали Сарзамин | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 | 2023 | 2024 |
| Коэффитсиенти сармоякунонӣ: $КС = \frac{Қарзҳои дарозмуддат}{Сармояи худӣ}$ | 0,5 | 0,7 | 0,4 | 0,6 | 0,1 | 0,04 |
| Коэффитсиенти мустақилияти молиявӣ: $КММ = \frac{Сармояи худӣ}{Активҳои умумӣ}$ | 0,6 | 0,7 | 0,6 | 0,4 | 0,9 | 1,0 |
| Коэффитсиенти пардохтпазирӣ: $КП = \frac{Активҳои гардон}{Уҳдадориҳои кутоҳмуддат}$ | 0,1 | 0,1 | 1,7 | 1,9 | 2,1 | 2,2 |

**Сарчашма:** дар асоси *[1]* ҳисоб карда шудааст.

Нишондиҳандаҳои бадастомада сохтори сармоя, дараҷаи мустақилияти маблағгузорӣ, чандирии идоракунии воситаҳои гардиш ва қобилияти саривақт иҷро кардани ӯҳдадориҳоро нишон медиҳанд. Таҳлили тағйирёбии таносуб дар корхонаҳо фарқияти назаррасро дар вазъи молиявӣ ва хатарҳои дохилии онҳо нишон медиҳад.

Таҳлили дар кори диссертатсионӣ гузаронидашуда нишон дод, ки устувории иқтисодии корхонаҳо аз сифати менеҷмент, таъмини хӯрок ва сохтори сармоя муайян карда мешавад. Таназзули пойгоҳи хӯрокворӣ ва бартарии хоҷагиҳои хурд асосан афзоиши васеи соҳаро ба вуҷуд овард. Осебпазирии бахши озуқаворӣ бо норасоии иқтидор барои коркарди амиқи шир тақвият меебад.

Азбаски самаранокии корхонаҳо мустақиман аз сифати идоракунӣ вобаста аст, рушди шаклҳои дастҷамъонаи ташкили истеҳсолот-кластерҳо ва кооперативҳо қарори стратегӣ ба шумор меравад.

**Боби сеюм «Самтҳои асосии баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС»** ба асосноккунии чораҳои афзалиятнок оид ба таҳкими устувории истеҳсоли шир бахшида шудааст. Ташаккули сохторҳои кластерӣ, такмили механизмҳои дастгирии давлатӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот ҳамчун механизмҳои рушди рақобатпазирии корхонаҳо баррасӣ мегарданд.

Дар шароити муосири иқтисодӣ рушди КАС-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо як қатор мушкилотҳое дучор меояд, ки ба зарурати баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулот, навсозии иқтидорҳои истеҳсолӣ ва ҳамгироии технологияҳои инноватсионӣ алоқаманд мебошанд. Самти муҳими ҳалли ин масъалаҳо ҷорӣ намудани механизмҳои инноватсионии ташкиливу иқтисодӣ ба шумор меравад, ки дар байни онҳо ташаккул ва рушди кластерҳо нақши махсусан муҳимро мебозад. Кластеризатсия аз ҷониби мо ҳамчун муносибати стратегӣ баррасӣ карда мешавад, ки қодир аст рушди маҷмӯии соҳаро тавассути ҳамгироии истеҳсолот, коркард ва фурӯши маҳсулот дар асоси ҳамкории зичи корхонаҳо, муассисаҳои илмӣ ва таълимӣ таъмин намояд.

Дар кори диссертатсионӣ асоснок карда шудааст, ки татбиқи муносибати кластерӣ фароҳам овардани шароити мусоидро барои ҳамкории байни корхонаҳои хурд, миёна ва калон, инчунин муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таълимӣ пешбинӣ менамояд. Дар доираи чунин ҳамкориҳо технологияҳои пешқадам, маҳсулот ва хизматрасониҳои инноватсионӣ татбиқ мегарданд, ки ин ба афзоиши назарраси самаранокӣ ва устувории субъектҳои иқтисодӣ оварда мерасонад.

Парокандагии баланди соҳа ва бартарии хоҷагиҳои хурд шаклҳои нави ташкилиеро талаб менамоянд, ки қодиранд истеҳсолкунандагони парокандаро дар занҷираи арзиши иловашуда муттаҳид созанд. Кластеризатсия ҳамчун фишанги бартараф кардани номутаносибиҳои сохторӣ баррасӣ мешавад. Дар доираи Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ва Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030, ташаккули кластерҳои минтақавии шир ҳамчун шарти воридотивазкунӣ ва рушди иқтидори содиротӣ муайян карда шудааст. Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ кластерҳои агросаноатӣ дар як ё якчанд минтақаи ҷумҳурӣ ҷойгир шуда, тавассути технологияҳои умумие, ки ба илм ё анъанаҳои истеҳсолоти рақобатпазири маҳсулот асос ёфтаанд, муттаҳид карда мешаванд. Онҳо дар шакли ширкатҳо ё дигар шаклҳои ҳамкории ташкилотҳо ва корхонаҳои ба таври уфуқӣ ё амудӣ ҳамгирошуда, ки қонунгузории шаҳрвандӣ пешбинӣ намудааст,

барои ҳалли як ё якчанд вазифа амал мекунанд. Дар айни замон, ҳамаи онҳо ҳангоми пешбурди тиҷорат ё иҷрои вазифаҳои худ мустақилияти худро нигоҳ медоранд.

Дар кори диссертатсионӣ дар асоси таҳлили таҷрибаи ҷаҳонӣ асоснок карда шудааст, ки яке аз самтҳо ҳангоми ташаккули кластерҳои агросаноатӣ метавонад истифодаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (ШДХ) бошад ва таъсиси кластери намунавии шир дар вилояти Хатлон бо дастгирии давлат ва сармоягузорони хориҷӣ пешниҳод гардидааст. Ин кластер метавонад якчанд фермаҳоро бврои кишт (ҷуворимакка, юнучқа), комплекси муосири ширӣ бо 500 сар модагов, корхонаи хурд (мини-завод) ва ширкати маркетингиро барои фурӯши маҳсулот муттаҳид намояд. Ин ҳамчун намуна барои дигар минтақаҳои кишвар хизмат хоҳад кард. Натиҷаи асосӣ - баланд бардоштани даромаднокӣ ва коҳиши хароҷот барои иштирокчиёни бозор мебошад. Асоснок карда шудааст, ки таъминоти кооперативӣ метавонад арзиши аслии истеҳсоли ширро аз ҳисоби тахфифҳои яклухт ба хӯроки чорво, хизматрасонии байторӣ ва истифодаи муштараки техника ба миқдори 10-15% коҳиш диҳад. Ҳамзамон, фурӯши кооперативӣ метавонад нархи фурӯшро 20-30% баланд бардорад. Дар маҷмӯъ, ин метавонад фоидаовариро ду маротиба зиёд кунад. Масалан, агар деҳқон (фермер) дар танҳоӣ аз як литр 2 сомонӣ фоидаи соф ба даст меовард, пас дар кооператив эҳтимолан аз ҳисоби хароҷоти пасттар ва нархи баландтари фурӯш метавонад 4 сомонӣ ба даст орад.

Устувории иқтисодӣ меафзояд, фермерҳо дар ҳайати кооператив буҳронҳоро осонтар паси сар мекунанд, зеро хавфҳо тақсим карда мешаванд. Ҳатто агар як аъзо ба мушкилот дучор шавад (талафоти чорво ё пастшавии муваққатии миқдори ширдӯшӣ), даромади умумии кооператив барои сабук кардани таъсири он кумак мерасонад (масалан, метавонанд аз фонди кооператив қарзи бефоиз диҳанд ва ғайра). Корхонаҳои коркард низ тавассути бастани шартномаҳои дарозмуддат ё муносибатҳои саҳҳомӣ бо таъминкунандагон метавонанд манфиат ба даст оранд, зеро онҳо бо ашёи хом ба таври кафолатнок таъмин гардида, метавонанд сармоягузориҳоро ба нақша гиранд. Дар маҷмӯъ, тамоми соҳа бештар муташаккил ва шаффоф мегардад, ки ин сармоягузориҳоро ҷалб менамояд (бонкҳо назар ба хоҷагиҳои ёрирасони шахсии (ХЁШ) хурд, ба кооперативҳо бештар қарз медиҳанд ва инчунин корхонаеро маблағгузорӣ мекунанд, ки пойгоҳи устувори ашёи хом дорад, на лоиҳаи пурхатари бе пойгоҳро). Илова бар ин, самараи иҷтимоӣ низ ба мушоҳида мерасад, зеро кооператсия - пеш аз ҳама, мактаби ҳамкорӣ буда, сармояи инсониро рушд медиҳад (фермерҳо идора кардани корҳо, ҳалли низоъҳо ва баланд бардоштани саводнокии молиявиро меомӯзанд). Ин махсусан барои ноҳияҳои деҳоти кишвар, ки дар онҳо ба таври анъанавӣ хоҷагидории инфиродӣ бартарӣ дорад, муҳим аст.

Кооперативҳо метавонанд ба марказҳои ҳаётии деҳот табдил ёбанд, дар назди онҳо аксаран нуқтаҳои машваратӣ, хизматрасониҳо ва ғайра ба вуҷуд меоянд. Дар натиҷа, ҳамгироии амудӣ ва уфуқӣ ҳамчун шарти зарурии устуворii дарозмуддати соҳаи шир баромад мекунад. Бе муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳо ноил шудан ба рақобатпазирӣ чӣ дар бозорҳои дохилӣ ва чӣ дар бозорҳои беруна душвор аст. Кооператсия ва шарикии муваффақона қодиранд соҳаро ба сатҳи нави рушд бароранд, ки инро ҳам таҷрибаи ИДМ ва ҳам кишварҳои хориҷи дур тасдиқ мекунанд.

Асоси назариявии равиши кластерӣ - консепсияи афзалиятҳои рақобатпазирӣ мебошад. Наздикии ҳудудӣ ва вобастагии техникию технологии корхонаҳо ба рушди инноватсионӣ ва коҳиши хароҷоти транзаксионӣ мусоидат мекунанд. Устуворii бахши ширӣ аз дараҷаи ҳамгироии он вобаста аст, ки омезиши кооператсия ва рақобатро дар байни иштирокчиён пешбинӣ менамояд (Расми 3).

**Расми 3. - Модели ташкилию иқтисодии кластери ширӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф.

Асоснок карда шудааст, ки муассисаҳои илмию таълимӣ кластерро бо коркардҳои илмию техникӣ ва кадрҳои баландихтисос таъмин менамоянд. Нақши онҳо дар гузаронидани таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ, ки ба селексияи

зотҳои сермаҳсули чорвои калони шохдор, таҳияи иловагиҳои нави хӯроки чорво ва усулҳои коркарди шир равона шудаанд, нишон дода шудааст. Масалан, барномаҳои таҳсилоти дуалӣ дар Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шотемур имкон доданд, ки сатҳи омодасозии мутахассисон барои зеркормплекси шир баланд бардошта шавад. Дастгирии инноватсионо инкубаторҳои тиҷоратӣ ва марказҳои трансфери технологияҳо, ки барои оғози стартапҳо, тиҷораткунонии коркардҳои илмӣ ва ба бозор ҷорӣ намудани маҳсулоти инноватсионӣ шароит фароҳам меоранд, таъмин менамоянд. Масалан, таъсиси стартапҳо дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти ширии функсионалӣ имкон медиҳад, ки ба бахшҳои нави бозор ҳам дар дохили кишвар ва ҳам берун аз он роҳ ёбанд.

Нақши мақомоти идоракунии давлатӣ дар ҳамоҳангсозӣ ва танзими равандҳои рушди кластери шир, ташаккули муҳити мусоиди институтсионалӣ тавассути таҳияи ташаббусҳои қонунгузорӣ, барномаҳои ҳавасмандгардонӣ, коҳиш додани монеаҳои маъмурӣ ва дастгирии ташаббусҳои соҳибкорӣ асоснок карда шудааст. Ташаббуси Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди барномаи субсидиякунонии истеҳсоли шир метавонад намунаи ин бошад. Нишон дода шудааст, ки фаъолияти самараноки инфрасохтори логистикӣ, анборӣ ва нақлиётӣ унсури калидие ба шумор меравад, ки интиқоли саривақтии ашёи хом ва маҳсулоти тайёр, ба ҳадди ақал расонидани хароҷоти логистикӣ ва баланд бардоштани самаранокии умумии кори кластерро таъмин менамояд. Рушди шабакаи анборҳои сардхонавӣ дар наздикии минтақаҳои истеҳсоли оммавии шир имкон дод, ки талафоти маҳсулоти ширӣ ҳангоми нигоҳдорӣ ба миқдори 12-15% коҳиш дода шавад.

**Ҷадвали 11. – Коэффитсиенти маҳалликунонӣ (локализатсия) ва коэффитсиенти истеҳсол (шир) ба ҳар сари аҳолӣ дар соли 2024**

| Минтақаҳо | Истеҳсоли шир, тонна | Вазни қиёсии минтақа, % | Коэффитсиентҳои маҳалликунонӣ (локализатсия) (Кл) | Коэффитсиенти истеҳсол ба ҳар сари аҳолӣ (Кд) | Кл ва Кд-и миёна |
|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 1177381 | 100 | 1,0 | 1,0 | 1,0 |
| Вилояти Суғд | 311091 | 26,4 | 0,93 | 0,93 | 0,93 |
| Вилояти Хатлон | 604804 | 51,4 | 1,42 | 2,4 | 1,91 |
| НТҶ | 241651 | 20,5 | 0,96 | 0,96 | 0,96 |
| Душанбе | 10 | 0,0 | 0 | 0 | 0 |
| ВМКБ | 19825 | 1,7 | 0,75 | 0,76 | 0,76 |

**Сарчашма:** дар асоси *[4, с. 286]* ҳисоб карда шудааст.

Кластеркунонӣ ба бартараф намудани «парокандагии фоида» ва коҳиш додани осебпазирии корхонаҳо нисбат ба таконҳои бозорӣ равона шудааст. Барои муайян кардани минтақаҳои афзалиятнок, усули таҳлили миқдории махсусгардонии минтақавӣ — ҳисоби коэффитсиентҳои маҳалликунонӣ (локализатсия) (**Кл**) ва истеҳсол ба ҳар сари аҳолӣ (**Кд**) истифода гардид (Ҷадвали 11).

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ моделҳои минтақавии кластеризатсия пешниҳод шудаанд. Нишон дода шудааст, ки муҳаррики асосии соҳа кластери саноатии Хатлон мебошад, ки дорои коэффитсиенти баланди маҳалликунонӣ (локализатсия) (Кл=1,42) буда, дар заминаи он таъсиси субкластерҳои Бохтар ва Кӯлоб пешниҳод мегардад. Модели мазкур диверсификатсияи кишти зироатҳоро аз ҳисоби ба истеҳсоли хӯроки чорво (ҷуворимакка, юнучқа) гузаронидани як қисми заминҳои пахта ва сохтмони иқтидорҳои коркард бо ҳаҷми 50 тонна дар як шабонарӯз пешбинӣ менамояд. Ин тадбир ҳиссаи коркарди саноатиро дар минтақа аз 10% то 30% зиёд намуда, 500 ҷойи кории нав таъсис медиҳад ва воридотро ба маблағи 15-20 миллион доллари ИМА коҳиш медиҳад. Кластери инноватсионию логистикии Суғд метавонад ба таҳкими робитаҳо байни корхонаи шири Хуҷанд ва шабакаи кооперативии нуқтаҳои хунуккунӣ нигаронида шавад, ки ин ба зиёд шудани ҳаҷми интиқоли маҳсулот ба миқдори 20-30 ҳазор тонна дар як сол мусоидат мекунад. Барои таъмини амнияти озуқаворию пойтахт «камарбанди ширӣ»-и Душанбе таъсис дода мешавад, ки хоҷагиҳои Ҳисор, Варзоб ва Рӯдакиро бо мақсади муътадилгардонии нархҳо ва коҳиш додани харочоти логистикӣ муттаҳид менамояд. Микро-кластери Помир (ВМКБ) ба муттаҳид намудани хоҷагиҳои водиҳои Шохдара ва Ишкошим барои коркарди шири қутос ва буз ба маҳсулоти нодири деликатесӣ (қурут, панир) тамаркуз мекунад, ки ин боиси 30% зиёд шудани ширдӯшӣ ва дастгирии даромади оилаҳои кӯҳистон мегардад.

Механизмҳои пешниҳодшудаи дастгирии давлатӣ ба бартараф намудани камбудиҳои институтсионалӣ ва таъсиси роҳҳои кафолатноки фурӯши маҳсулот нигаронида шудаанд. Воситаи калидӣ барномаҳои маҷмӯии танзими бозор мебошанд, ки ҳадафи онҳо солимгардонии молиявии корхонаҳо ва табдил додани онҳо ба сохторҳои устувори ба бозор нигаронидашуда мебошад (Расми 4).

Асоснок карда шудааст, ки баланд бардоштани сифати маҳсулот ҳамчун кафили рушди устувори истеҳсолоти аграрӣ баромад мекунад. Он афзоиши самаранокӣ ва рақобатпазириро таъмин намуда, амнияти озуқавориро таҳким мебахшад, имкониятҳои нави иқтисодиро фароҳам меоварад ва барои бо маҳсулоти босифат қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ шароит муҳайё месозад.

**Расми 4 – Афзалиятҳои асосии сиёсати давлатӣ дар зермаҷмӯи ширии Тоҷикистон**
**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Кори муназзам дар самти сифат, шурӯъ аз генетикаи саршумори чорво ва хӯрок то стандартҳои коркард ва ҳавасмандгардонии истеҳсолкунандагон, қодир аст истеҳсоли маҳсулоти пурқиматро (шир ва гӯштро) ҳангоми истифодаи оптималии захираҳо ба таври назаррас афзоиш диҳад. Сифати маҳсулот - ин афзалияти стратегӣ мебошад, ки сармоягузорӣ ба он бо самараи бисёрҷонибаи мусбат ҷуброн гардида, устувории дарозмуддати рушди соҳаро муайян менамояд. Устувории иқтисодии корхонаҳо аз сифати маҳсулот ҷудонопазир аст, ки он дар ҷумҳурӣ то ҳол ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намебошад: равғаннокии шир 3,2-3,4%-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки меъёр бояд 3,6% бошад. Ҷорикунии низомҳои менеҷменти сифати ISO 22000 ва принсипҳои HACCP ҳам барои ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва ҳам барои баромадан ба бозорҳои содиротӣ зарур мебошад.

Дар ҶДММ «Латиф Мурод» озмоиш оид ба арзёбии таъсири иловаҳои витаминию минералӣ ва гили бентонитӣ ба ҳаҷми ширдӯшӣ ва навъи ашёи хом гузаронида шуд. Афзоиши даромаднокӣ самаранокии иқтисодии чораҳои пешниҳодшударо тасдиқ менамояд (Ҷадвали 12).

**Ҷадвали 12. – Маҳсулнокии шири говҳо ва сарфи хӯрок дар Давраи ширдиҳии зимистона (ба як сар) дар ҶДММ «Латиф Мурод»-и ноҳияи Ҳисор (X±Sx)**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | IV |
| Ширдӯшии табиӣ (бо равғаннокии воқеӣ), кг | 2496,1 | 2658,1 | 2807,1 | 2768,0 |
| Ширдӯшии миёнаи шабонарӯзии воқеӣ, кг | 24,96±0,8 | 26,58±0,8 | 28,07±0,8 | 27,68±0,7 |
| Миқдори равған дар шир, % | 3,66±0,02 | 3,72±0,05 | 3,75±0,02 | 3,73,01 |
| Миқдори ширдӯшӣ дар бозҳисоб ба равғаннокии 4%, кг | 2283,8 | 2472,2 | 2631,7 | 2581,1 |
| Ширдӯшии миёнаи шабонарӯзӣ дар бозҳисоб ба равғаннокии 4%, кг | 22,83±0,7 | 24,72±0,8 | 26,32±0,8 | 25,81±0,7 |
| Равғани шир, кг | 91,3±2,9 | 98,8±3,0 | 105,2±3,2 | 103,2±2,8 |
| Миқдори сафеда (белок) дар шир, % | 3,23±0,01 | 3,25±0,01 | 3,27±0,01 | 3,25±0,01 |
| Миқдори сафедаи шир, кг | 80,6±0,3 | 86,4±0,3 | 91,7±0,2 | 89,9±0,2 |
| Сарф шудааст барои 1 кг шири 4%: | | | | |
| воҳиди хӯроки сулӣ (овёс) | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,7 |
| воҳиди хӯроки энергетикӣ | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 0,8 |
| протеини ҳазмшаванда, г | 75,4 | 73,2 | 64,5 | 69,5 |
| консентратҳо, г | 219 | 201 | 187 | 194 |

**Сарчашма:** дар асоси *[1]* ҳисоб карда шудааст.

Ҳамин тариқ, татбиқи тадбирҳои пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯии маҳсулот дар дурнамои миёнамуҳлат 25-30% афзоиш ёбад ва амнияти озуқавории кишвар таҳким бахшида шавад.

**Ҷадвали 13. – Самаранокии иқтисодӣ дар давраи таҷриба, барои давраи пурраи локтатсия**

| Нишондиҳандаҳо | Гурӯҳ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 1 | П | Ш | IV |
| Истеҳсоли шир, кг | 5573 | 5904 | 6197 | 6002 |
| Фоизи равғаннокии шир | 3,66 | 3,70 | 3,75 | 3,72 |
| Истеҳсоли шир бо равғаннокии базавӣ, кг | 5665 | 6071 | 6456 | 6203 |
| Нархи 1 литр шир, сомонӣ | 5 | 6 | 6 | 6 |
| Хароҷоти умумии истеҳсолӣ, сомонӣ | 12985 | 13054 | 14760 | 14824 |
| Арзиши аслии 1 литр шир, сомонӣ | 2,40 | 2,21 | *2,30* | 2,47 |
| Маблағ аз фурӯши шир, сомонӣ | 16995 | 18213 | 19377 | 18604 |
| Фоидаи бадастомада, сомонӣ | 4010 | 5159 | 4617 | 3780 |
| Сатҳи рентабелнокӣ, % | 30 | 39 | 35 | 25 |

**Сарчашма:** дар асоси *[1]* ҳисоб карда шудааст.

Дар диссертатсия модели танзими зеркомплекси ширии КАС пешниҳод шудааст, ки ба бартараф намудани номутаносибиҳои дохилӣ ва фароҳам овардани шароит барои рушди устувори соҳа нигаронида шудааст (Расми 5).

**Расми 5. – Механизми маҷмӯии танзими давлатии зермаҷмӯи шир**
**Сарчашма:** *таҳияи муаллиф.*

Бар хилофи равишҳои пароканда, модели пешниҳодшуда механизмҳои истеҳсолию технологӣ, молиявию иқтисодӣ ва институтсионалии идоракуниро

муттаҳид менамояд. Он ҳамоҳангсозии манфиатҳои истеҳсолкунандагони моли кишоварзӣ, корхонаҳои коркард ва давлатро дар заминаи кооператсия, ҳамкориҳои кластерӣ ва тақсимоти оқилонаи захираҳо пешбинӣ мекунад.

Асоси модели пешниҳодшударо баланд бардоштани самаранокии истифодаи пойгоҳи хӯроки чорво, афзоиши маҳсулнокии подаи ширдеҳ, муносибгардонии хароҷот ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир, аз ҷумла абзорҳои рақамии баҳисобгирӣ ва идоракунӣ ташкил медиҳад. Ҳадафи амалии модел аз баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти шири ватанӣ ва таҳкими амнияти озуқавории кишвар иборат аст. Барои ин такмили воситаҳои дастгирии давлатӣ, рушди инфрасохтори нигоҳдорӣ ва коркарди шир, ташаккули робитаҳои устувори бозорӣ байни истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагон зарур мебошад.

Дар робита ба Тоҷикистон бартараф намудани маҳдудиятҳои захиравӣ, коҳиш додани вобастагӣ аз воридот ва дастгирии истеҳсолоти ватанӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Амалисозии модел барои рушди муътадили соҳаи шир шароит фароҳам оварда, ҷолибияти сармоягузории онро баланд мебардорад ва мавқеи рақобатии соҳаро дар бозори дохилӣ таҳким мебахшад. Рушди устувори зеркомплекси ширӣ дигаргуниҳои компелксӣ ва муназзамро, ки тамоми ҳалқаҳои занҷири истеҳсоливу фурӯшро фаро мегиранд, тақозо менамояд.

Механизми танзими давлатӣ бояд ба афзалияти соҳа, ҳамгироии ҳадафҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, дастгирии шаклҳои хурди хоҷагидорӣ ва сиёсати фаъоли инноватсионӣ асос ёбад. Танҳо дар сурати дахолати пайваста ва мақсадноки давлат ташаккули соҳаи шири баландсамара ва рақобатпазир, ки қодир аст амнияти озуқаворӣ ва устувории КАС-ро дар маҷмӯъ таъмин намояд, имконпазир мегардад.

## ХУЛОСАҲО ВА ПЕШНИҲОДҲО

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

Тадқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда, ки ба таҳияи механизмҳои ташкилию иқтисодии баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст, имкон дод, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Зеркомплекси ширии комплекси агросаноатии (КАС) Ҷумҳурии Тоҷикистон омили асосии таъмини амнияти озуқавории мамлакат, таъсиси ҷойҳои корӣ дар соҳаи кишоварзӣ ва нигоҳ доштани суботи иҷтимоӣ дар деҳот эътироф гардидааст. Бо афзоиши шумораи аҳолӣ ва баланд шудани талабот ба сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, рушди устувори истеҳсоли шир барои иқтисодиёти кишвар аҳамияти махсус пайдо мекунад. Устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси шир омили асосии таъмини амнияти

миллии озуқавории кишвар маҳсуб мешавад. Ин зеркомплекс ҳиссаи зиёди парҳези сафеда ва равғани аҳолиро таъмин намуда, аз ин рӯ, рушди устувори он бевосита ба сатҳи зиндагӣ ва суботи иқтисодии кишвар таъсир мерасонад [7-А].

2. Муайян карда шуд, ки равишҳои мавҷуда ҷиҳати муайян намудани устувории иқтисодии корхонаҳо пароканда буда, хусусиятҳои истеҳсоли ширро пурра ба назар намегиранд. Тафсири муаллифӣ пешниҳод гардидааст, ки мувофиқи он устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси шир ҳамчун ҳолати мутавозини захираҳои иқтисодӣ муайян карда мешавад. Ин ҳолат даромаднокии устувор ва рушди дарозмуддатро бо назардошти таъсири омилҳои дохилию беруна кафолат медиҳад [5-А].

3. Бо вуҷуди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши шир, субъектҳои хоҷагидор сатҳи кофии устуворӣ надоранд ва наметавонанд такрористеҳсолкуниро дар асоси инноватсионӣ таъмин намоянд. Маҳдудиятҳои асосӣ аз харочоти баланди хӯрокворӣ ва байторӣ, норасоии техникаву таҷҳизот, дастрасии маҳдуд ба қарзҳо, кластерикунонии суст ва сатҳи пасти ҳамкорӣ иборатанд. Барои рафъи ин монеаҳо таҳия ва татбиқи механизми ҳамаҷонибаи дастгирии давлатӣ, ки ҳам афзалиятҳои соҳавӣ ва ҳам минтақавиро ба назар мегирад, тақозо мегардад [4-А]. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи мавҷудаи дастгирии давлатии зеркомплекси шир асосан хусусияти пароканда (фрагментарӣ) дошта, хусусиятҳои минтақавии пешбурди чорводории ширро пурра ба назар намегирад. Маблағгузории илмӣ, коркардҳои инноватсионӣ, таҷдид ва нигоҳдории саршумори чорво, беҳтар намудани заминаи хӯрокворӣ, хизматрасонии байторӣ ва тайёр кардани кадрҳо дар миқёси маҳдуд сурат мегиранд. Ҳаҷми умумии дастгирии давлатии чорводории ширӣ камтар аз 1 фоизи арзиши маҳсулоти умумии зерсоҳаро ташкил медиҳад.

4. Устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширӣ хусусиятҳои равшани соҳавӣ дорад, ки ба даври доимии биологӣ, хусусияти зудвайроншавандаи маҳсулот, ҳассосияти баланд ба тағйироти заминаи хӯрокворӣ, тағйирёбии мавсимӣ ва хатарҳои эпизоотикӣ алоқаманданд. Устувории корхонаҳои ширӣ бояд аз рӯи қобилияти пайваста истеҳсол кардани маҳсулоти босифату хушҳаҷм, нигоҳ доштани некӯаҳволии молиявӣ ва таъмини такрористеҳсоли саршумору иқтидорҳои истеҳсолӣ арзёбӣ карда шавад. Устувории корхонаҳои соҳа натиҷаи таъсири омили алоҳида набуда, маҳсули ҳамкории иқтидори дохилӣ бо вазъи берунии институтсионалию бозорӣ мебошад. Ин ҳолат аҳамияти муносибати ҳамаҷонибаро ба идоракунии хавфҳо ва захираҳо таъкид мекунад. Ҳангоми муайян кардани устувории ташкилотҳои аграрӣ, асоси методологӣ бояд «нуқтаи мувозинати молиявию иқтисодӣ» бошад. Ҳолате, ки дар он дороиҳои ғайригардон ва захираҳои муҳим (аз ҷумла хӯрок) аз ҳисоби сармояи худӣ маблағгузорӣ шуда, дороиҳои молиявӣ қарзҳоро пурра

мепӯшонанд, нишондиҳандаи пардохтпазириро таъмин мекунад. Дар КАС динамикаи манфии чунин мувозинат нисбат ба дигар соҳаҳо оқибатҳои ҷиддитар дорад, зеро истифодаи фаврии дороиҳои биологӣ (саршумори чорво) бидуни зарар ба иқтидорҳои истеҳсолӣ ғайриимкон аст. Ин осебпазирии корхонаро нисбат ба «холигии хазинавӣ» (кассовый разрыв) ва тағйироти мавсимӣ зиёд мекунад [4-А], [6-А].

5. Рушди зеркомплекси шир тамоюлҳои зиддунақизро нишон медиҳад: сарфи назар аз афзоиши устувори истеҳсоли умумӣ ва саршумори чорво, ҳосилнокии ҳайвонот паст боқӣ мемонад. Дар соҳа ҳиссаи хоҷагиҳои хурд назаррас буда, қафомонии технологӣ ва норасоии заминаи мутавозини хӯрокворӣ мушоҳида мешавад. Ин омилҳо ба бартарии модели экстенсивии (васеъ) рушди соҳа ишора мекунанд. Сохтори истеҳсолии бахши шир парокандагии худро нигоҳ медорад: зиёда аз 90%-и шир дар хоҷагиҳои аҳолӣ истеҳсол карда мешавад. Ин ҳолат, аз як тараф, ба устувории иҷтимоии деҳот мусоидат кунад, аз тарафи дигар, ба навсозии технологӣ, стандартизатсияи сифат ва логистикаи самараноки ашёи хом халал мерасонад, ки дар ниҳоят устувории иқтисодии тамоми зеркомплексро коҳиш медиҳад [6-А], [7-А].

6. Рушди устувори зеркомплекси шир бо омилҳои калидӣ бозdошта мешавад, ки муҳимтарини онҳо: бад шудани сифат ва номувозинатии заминаи хӯрокворӣ; нокифоя будани заминаи генетикии чорво; таҷҳизоти нокифояи техникӣ; дастрасии маҳдуди корхонаҳо ба захираҳои дарозмуддати молиявӣ; сатҳи пасти рушди кооператсия ва робитаҳои кластерӣ; инчунин норасоии кадрҳои баландихтисос мебошанд. Корхонаҳои соҳаи шир натиҷаҳои ноустувори молиявию иқтисодӣ нишон медиҳанд, ки ин дурнамои рушди онҳоро халалдор мекунад [6-А]. Устувории иқтисодии корхонаҳои ширӣ тафовутҳои ҷиддиро ошкор менамояд, ки онҳо на аз ҳаҷми истеҳсолот, балки аз самаранокии идоракунии заминаи хӯрокворӣ, ҳосилнокии чорво, сохтори хароҷот ва сиёсати молиявӣ вобаста мебошанд. Корхонаҳое, ки захираҳои бештар ҳамоҳангшуда доранд, тамоюли устувори рушдро нишон медиҳанд. Барои такмили идоракунии соҳа ҷорӣ намудани воситаҳои комплексии ташхис зарур аст. Системаи нишондиҳандаҳои хусусӣ ва коэффитсиенти интегралӣ барои арзёбии иқтисодии устувории корхонаҳо пешниҳод гардидааст. Ин воситаҳо имкон медиҳанд, ки ширкатҳо гурӯҳбандӣ карда шуда, минтақаҳои мушкилот муайян ва чораҳои дастгирии мақсаднок таҳия карда шаванд [5-А].

7. Ҳисобҳои коэффитсиентҳои маҳалликунонӣ (локализатсия) ва истеҳсоли шир дар минтақаҳои Тоҷикистон фарқиятҳои назарраси байниминтақавиро нишон медиҳанд. Вилояти Хатлон консентратсияи баландтарини истеҳсоли шир (Кл=1,42) ва истеҳсол ба ҳар сари аҳолиро (Кд=2,4) дорост. Дар айни замон, ин нишондиҳандаҳо дар вилояти Суғд 0,93 ва дар НТҶ

0,96-ро ташкил медиҳанд, дар ВМКБ бошад, мутаносибан ба 0,75 ва 0,76 баробаранд. Ташкили кластерҳои ширӣ дар минтақаҳои дорои сатҳи баланди маҳалликунонӣ (вилояти Хатлон) афзалиятнок буда, муносибати фарқкунандаи ҳудудӣ ва дастгирии минтақаҳои қафомондаро тақозо мекунад [7-А]. Таҳияи системаи нархгузории шири хом баробарии иқтисодии манфиатҳои истеҳсолкунандагон ва коркардкунандагонро таъмин менамояд. Ҳисобҳо нишон доданд, ки нархи ҳадди ақали харид дар сатҳи 3,70 сомонӣ барои як литр (мувофиқи нишондиҳандаҳои соли 2022) ба хоҷагиҳои деҳқонӣ имкон медиҳад, ки хароҷоти истеҳсолиро пӯшонида, даромаднокии на камтар аз 10-12%-ро нигоҳ доранд. Ин равиш тавассути бартараф намудани номувозинатӣ дар занҷираи «фермер–коркардкунанда» истеҳсоли ширро ҳавасманд мекунад.

8. Модели комплексии кластерии рушди зеркомплекси шир пешниҳод шуд, ки се сатҳи ба ҳам алоқаманд: истеҳсолӣ, инфрасохторию логистикӣ ва институтсионалиро дар бар мегирад. Татбиқи он метавонад истеҳсоли умумии маҳсулоти ширирo дар дурнамои миёнамӯҳлат 25-30% зиёд кунад, ба шарте ки на камтар аз 50%-и хоҷагиҳои хурду миёна ба сохтори кластерҳо ё кооперативҳо ҷалб карда шаванд. Дар соли 2024 воридоти маҳсулоти ширӣ беш аз 12 ҳазор тоннаро ташкил дод, ки ин зарурати рушди истеҳсоли ватаниро тавассути кластерҳо барои коҳиши вобастагӣ аз воридот тасдиқ мекунад. Ташкили кластерии истеҳсоли шир модели самараноки рушди устувори соҳа мебошад. Корхонаҳое, ки дар ҳайати кластерҳо фаъолият мекунанд, нисбат ба сохторҳои ҳамгиронашуда 12-18% фоида ва 15-20% ҳосилнокии меҳнати бештар ба даст меоранд. Ин шакли ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки робитаҳои амудӣ ва уфуқӣ байни истеҳсолкунандагон, коркардкунандагон ва муассисаҳои илмию таълимӣ ба роҳ монда шаванд [1-А].

9. Самаранокии дастгирии давлатии кластерҳои ширӣ бо намунаи субсидия ва қарздиҳии имтиёзнок тасдиқ мегардад. Маблағгузории муштараки то 50%-и хароҷоти хариди таҷҳизот мӯҳлати баргардонидани лоиҳаҳоро аз 7 то 4 сол коҳиш медиҳад. Маҷмӯи тадбирҳо (субсидияҳои сармоягузорӣ, қарзҳои имтиёзнок ва суғурта) барои навсозӣ ва рушди устувори зеркомплекси шир шароити мусоид фароҳам меорад. Модели пешниҳодшудаи кластери шир ҳамкории кооперативии истеҳсолкунандагони ашёи хом, коркардкунандагон ва сохторҳои фурӯшро дар бар мегирад, ки ба кам шудани хароҷоти муомилот ва баланд шудани сифати ашёи хом оварда мерасонад. Хулоса дар бораи зарурати табдил додани системаи амалкунандаи дастгирии давлатии КАС ба модели ба натиҷа нигаронидашуда, ки бо нишондиҳандаҳои устуворӣ ва ҳосилнокӣ алоқаманд аст, асоснок карда шуд [1-А].

10. Навсозии инфрасохтори логистикии кластерҳо шарти асосии коҳиши талафоти шир мебошад. Тавсия дода мешавад, ки дар ҷойҳои ҷамъоварии шир

нуқтаҳои хунуккунии аввалия таъсис дода шаванд, ки ин талафоти технологӣ ва ашёи хомро 8-10% кам мекунад. Дар айни замон камтар аз сеяки шири истеҳсолшуда дар кишвар коркарди саноатӣ мешавад, ки ин рушди соҳаро бозмедорад [1-А], [7-А].

***Б) Тавсияҳои барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот***

1. Дар минтақаҳое, ки иқтидори истеҳсолии онҳо бештар мутамарказ аст, ташаккули кластерҳо мақсаднок мебошад. Таҳлили коэффитсиентҳои минтақавии маҳалликунонӣ ва истеҳсоли шир ба ҳар сари аҳолӣ тафовути мушаххаси ҳудудиро нишон дод. Нишондиҳандаҳои ҳадди аксар дар вилояти Хатлон ба қайд гирифта шудаанд, ки ин аз консентратсияи баланди истеҳсолот ва потенсиали ташаккули кластерҳо шаҳодат медиҳад. Баръакс, дар вилояти Суғд, НТҶ ва ВМКБ ин коэффитсиентҳо аз як камтар мебошанд, ки ин муносибати фарқкунандаро нисбат ба ҷойгиркунӣ ва дастгирии ташаббусҳои кластерӣ тақозо мекунад.

2. Мушкилоти асосии соҳа талафоти зиёди логистикӣ бо сабаби набудани нуқтаҳои хунуккунии аввалия ва инфрасохтори заифи нигоҳдорию интиқол боқӣ мемонад. Зарурати навсозии гиреҳҳои логистикӣ ба миён меояд, ки имкон медиҳад талафоти шир 8-10% кам ва сифати молии он баланд бардошта шавад. Дар айни замон, камтар аз сеяки ҳаҷми умумии шири истеҳсолшуда коркарди саноатӣ мешавад. Барномаҳои дастгирии давлатӣ бояд дар қисми субсидияи сармоягузориҳои асосӣ васеъ карда шаванд. Модели ҳаммаблағгузории то 50%-и хароҷоти хариди дастгоҳҳои ширдиҳӣ, хунуккунакҳо ва сехҳои хурди коркард самараноктарин маҳсуб мешавад. Ин тадбир имкон медиҳад, ки мӯҳлати бозгашти сармоягузорӣ аз 7 то 3-4 сол кам ва воридшавии сармояи хусусӣ ба соҳа ҳавасманд карда шавад.

3. Барои рушди кооператсияи кишоварзӣ, шаклҳои кооперативии иттиҳодияи истеҳсолкунандагони хурдро фаъолона рушд додан лозим аст. Таъсиси кооперативҳо имкон медиҳад, ки захираҳо мутамарказ ва хароҷоти амалиётӣ 7-10% кам карда шаванд. Инчунин, дастрасӣ ба барномаҳои дастгирии давлатӣ, ки барои хоҷагиҳои ёрирасони инфиродӣ дастрас нестанд, васеъ мегардад. Кооператсия ба ташаккули инфрасохтори дастҷамъона (анборҳо, мини-сехҳои коркард) мусоидат намуда, рақобатпазирии хоҷагиҳои хурдро зиёд мекунад ва ба онҳо имкон медиҳад, ки ба системаи кластерҳо ҳамгиро шаванд [1-А].

4. Модели комплексии кластерӣ бо ҷалби на камтар аз 50%-и хоҷагиҳои хурду миёна имкон медиҳад, ки дар давраи миёнамӯҳлат (3-5 сол) истеҳсоли умумии маҳсулоти ширӣ 25-30% зиёд ва хароҷот 10-12% кам карда шавад. Ин барои гузариш ба худтаъминкунии устувор ва коҳиши вобастагӣ аз воридот замина фароҳам меорад. Омилҳои асосии муваффақият бояд кластеркунӣ —

ҳамчун воситаи тахассус ва ҳамгироӣ; навсозӣ — ҳамчун воситаи баланд бардоштани самаранокӣ ва сифат; ва дастгирии давлатӣ — ҳамчун кафолати дастрасӣ ба захираҳои сармоягузорию суғурта бошанд.

5. Дар сатҳи давлатӣ пешниҳод мешавад, ки модели барномавию мақсадноки идоракунии устувории зеркомплекси шир ҷорӣ карда шавад. Ин модел системаи нишондиҳандаҳоро, аз қабили ҳосилнокии чорво, арзиши аслии шир, фоизи шири босифати молӣ ва сатҳи ҳамкории истеҳсолкунандагонро фаро мегирад. Баррасӣ намудани низоми дастгирии давлатӣ дар асоси баҳодиҳии интегралии устуворii корхонаҳо (бо ҷудо намудани гурӯҳҳои устувор, марзӣ ва ноустувор) мақсаднок мебошад [2-А].

6. Суръат бахшидани навсозии инфрасохтори занҷираи аввалия: нуқтаҳои қабули шир, системаҳои хунуккунӣ ва логистикаи «занҷири хунук» зарур аст. Пешниҳод мешавад, ки рушди кластерҳои ширӣ дар вилоятҳои Хатлон ва Суғд ҳамчун минтақаҳои озмоишӣ ба таври институтсионалӣ ҳавасманд карда шавад. Таҳияи «харитаҳои роҳ»-и минтақавӣ бо назардошти ихтисоси ҳудудӣ ва таъсиси шабакаи марказҳои хидматрасонӣ (байторӣ, бордоркунии сунъӣ, машварат) барои истеҳсолкунандагони хурд зарур аст.

7. Дар сатҳи корхонаҳо татбиқи системаҳои назорати идоракунӣ (буҷетбандӣ, назорати самаранокии хӯрокдиҳӣ ва идоракунии пардохтпазирӣ) муҳим аст. Сармоягузорӣ бояд ба беҳтар кардани заминаи хӯрокворӣ, баланд бардоштани иқтидори генетикии рама ва навсозии таҷҳизоти яхдон равона карда шавад. Инчунин, таҳияи барномаҳои такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаҳои иқтисоди устуворӣ, технологияҳои рақамӣ ва идоракунии хароҷот тақозо мегардад.

8. Таҳияи «харитаҳои роҳ»-и минтақавии ташаккули кластерҳои ширӣ; таъсиси марказҳои хидматрасонӣ барои истеҳсолкунандагони хурд ва ташкили системаи мунтазами мониторинги устуворii иқтисодии корхонаҳо ҳамчун самтҳои калидӣ пешниҳод мешаванд [1-А], [2-А].

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:

1. Годовой отчёт предприятий «Афзали Зарзамин», «Латиф Мурод», «С.А. Хамадони» за 2020-2024 гг.

2. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О внесении изменений в постановление Правительства Республики Таджикистан от 29 декабря 2012 года № 775 «О Методических рекомендациях по определению потребительской корзины для основных социально-демографических групп населения в Республике Таджикистан»» от 26 февраля 2022 года № 76.

3. Регионы Республики Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2025 г., стр.334

4. Сельское хозяйство Республике Таджикистан. Статистический сборник. Агентство по статистике при Президенте РТ, 2025 г., стр. 390

**Захираҳои электронӣ:**

5. Осипова, Е.К. Организационно-экономические факторы повышения устойчивости развития отрасли молочного скотоводства [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://cyberleninka.ru/article/n/organizatsionno-ekonomicheskie-faktory-povysheniya-ustoychivosti-razvitiya-otrasli-molochnogo-skotovodstva

6. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» от 23 декабря 2023 года. [Электронный ресурс] / Режим доступа: https://www.president.tj/event/missives/27246

7. Сафин, Ф.М. Сущность и факторы экономической устойчивости (постановка проблемы) [Электронный ресурс] / Ф.М. Сафин // Вестник ТИСБИ. – 2000. – № 2. – Режим доступа: http://www.tisbi.ru/home/science/ journal-of-tisbi/2000/issue2/12/

8. Тимергалеева, Р.Р. Основные направления устойчивого развития агропромышленного комплекса России [Электронный ресурс] / Режим доступа:// RUSSIAN JOURNAL OF MANAGEMENT .-Том 10.- №3, 2022 // https://rusjm.ru/ru/nauka/article/ 52551/ view

9. Иванченко, Л.А., Жуков, И.В. Подход к оценке экономической устойчивости предприятия энергетической отрасли / https://sciup.org/podhod-k-ocenke-jekonomicheskoj-ustojchivosti-predprijatija-jenergeticheskoj-142239344

**Монографияҳо, китобҳои дарсиву дастурҳои таълимӣ:**

10. Абдувасиев, Ф., Садридинов, С. Разработка по развитию эффективной модели агропродуктовых подкомлексов АПК / НПИцентр, г. Душанбе – 2017 г. с. 23

11. Асроров, И., Шарипов, З. — Рыночная экономика и ее модели. Куляб: «Сада», 2002, -51с.

12. Бодров, О.Г. Экономическая свобода и устойчивость предприятия. – Казань: Таглимат, 2008. – 180с.

13. Вохидов, В.В., Гафуров, Х.Г. Модель аграрной экономики Таджикистана в XXI веке. / В.В. Вохидов, Х.Г. Гафуров. - Душанбе: Ирфон, 2004. -203с.

14. Зеткина, О.В. Об управлении устойчивостью предприятия [Текст] / О.В. Зеткина. – Москва: Аудит, ЮНИТИ, 2003 – 134 с.

15. Лайберт, Т.Б. Экономическая устойчивость: сущность, содержание и факторы: учебное пособие / Т.Б. Лайберт. – Уфа: УГНТУ, 2008. – 230с.

16. Мадаминов, А.А. Проблема устойчивого развития аграрного сектора Таджикистана, Душанбе. - ТАУ, 2006 – 300 с.

17. Мадаминов, А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (Состояние и перспективы) / А.А Мадаминов. - Душанбе, 2006. - 231с

18. Мадаминов, А.А. Устойчивое развитие аграрного сектора Таджикистана (состояние и перспективы). –Душанбе, 2006. -228 с.

19. Морозов, Н.М., Петров Е.Б., Кузьмин В.Н., Кузьмина Т.Н., Тихомиров А.И. Инновационные технологии содержания крупного рогатого скота специализированных мясных пород [Текст] // Аналитический обзор. ФГБНУ «Росинформагротех», Москва – 2020 г., 91 с.

20. Савицкая, Г.В. Анализ хозяйственной деятельности предприятия. – Мн.: ООО «Новое знание», 4-е издание, переработанное и дополненное, 2000 - 168с.

21. Шеремет, А.Д. Теория экономического анализа. – Москва: ИНФРА-М, 2002

**Мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо:**

22. Абдукаримов, И.Т. Характеристика факторов и методы их оценки влияния на результативные показатели хозяйственной деятельности предприятий [Текст] / И.Т. Абдукаримов // Социально-экономические явления и процессы. – 2013. – № 12 (58). – С. 9-14.

23. Алиев, О.М., Кодирзода Д.Б. Национальный, региональный и международные аспекты обеспечения продовольственной безопасности // Экономические науки. - 2020. - № 5. С.101-108.

24. Асроров, А., Эргашев А. Аграрная реформа и развитие рыночных отношений в Таджикистане Душанбе, // Кишоварз, 1997, №1.-С.25-35.

25. Ашуров, И. С. Влияние изменения климата на сельское хозяйство и продовольственную безопасность / И. С. Ашуров, З. Махмудов // Peasant. – 2014. – № 3. – С. 47-50. – EDN SZGZTB.

26. Ашуров, И. С. Состояние интеграции молокопроизводителей и перерабатывающих предприятий / И. С. Ашуров, Х. А. Муллоев, Х. П. Шарипов, С. Олимов // Peasant. – 2015. – № 4. – С. 67-69. – EDN VFQREV.

27. Ашурзода, С. Развития инновационной деятельности в сельском хозяйстве / С. Ашурзода, И. С. Ашуров // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – № 1-4-1(68). – С. 226-230. – EDN KWSZUI.

28. Баканова, М.Н. Анализ основных факторов экономической устойчивости современного предприятия / М.Н. Баканова // Вестник МГПУ – М.: МГПУ. -2008. - №2 (5)-С.58-76.

29. Белокопытов, А. В. Риск-факторы устойчивого развития организаций молочного скотоводства региона / А. В. Белокопытов, Е. К. Иванова // Продовольственная политика и безопасность. – 2023. – Т. 10, № 3. – С. 547-560.

30. Гафаров, А.К. Эффективность ведения молочного скотоводства в Таджикистане// Экономика Таджикистана: стратегия и развития / А.К. Гафаров Т.А., Кадыров, Ф.М. Раджабов.- 1999.- №3.- С. 78.

31. Джумабоев, Х.К. Состояние и тенденция развития продовольственного рынка в Республике Таджикистан / Х.К. Джумабоев // Вестник ТГНУ. -2008. -№1 (45), ч. 2. - С. 16-24.

32. Каримова, М.Т. Влияние изменений в аграрной политике на продовольственную безопасность // Вестник ЦСИ при Президенте Республики Таджикистан №1 (56) 2017г.)- С.61-70.

33. Каримова, М.Т. Маджидзода С.К. Проблемы инфляции на потребительском рынке Республики Таджикистан// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 9. – С. 181-187.

34. Каюмов, Н.К. Глобализация мировой экономики и обеспечение продовольственной безопасности Таджикистана// Экономика Таджикистана: стратегия развития. 2008.- №4 – С. 26-33.

35. Комилов, С. Дж., Фируз М.Б. Развитие конкурентоспособности регионального АПК Республики Таджикистан//Проблемы современной экономики. - СПб., 2016. -№2 (58).- С.196-198.

36. Кубанков, Ю.А. Экономическая устойчивость предприятия как элемент системы процесса обеспечения качества продукции//Транспортное дело России.- №10, Москва, 2011 г., -С. 86 -89.

37. Кузнецова, С.А. Новые тренды в развитии теории и методов стратегического менеджмента [Текст] / С. А. Кузнецова, В.Д. Маркова // Регион: экономика и социология. – 2015. – № 2(86). – С. 266-285.

38. Курбанова, Ш.С. Некоторые вопросы обеспечения населения продовольственной продукцией в Согдийской области. [Текст] / Ш.С. Курбанова, Р.Усмонов // Кишоварз (Земледелец). Таджикский аграрный университет им. Ш. Шотемур. -2011. - №1. - С 48-51.

39. Курбанова, Ш.С. Уровень обеспечения спроса населения завозными продовольственными продуктами. [Текст] / Ш.С. Курбанова, Р.Усмонов // Таджикистан и современный мир. - Центр стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе. - 2015, - №1 (44). - С.58-65.

40. Мадаминов, А. А. Повышение качества продукции - залог эффективного производства / А. А. Мадаминов // Вестник Таджикского

национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2016. – № 2/11(220). – С. 74-76. – EDN YPZHYT.

41. Мадаминов, А. Рентабельность - основа финансовой устойчивости предприятий / А. Мадаминов // Международный сельскохозяйственный журнал. – 2006. – № 4. – С. 19-20. – EDN HUHQSB.

42. Маликов, И. А. Эффективность производства и реализации животноводческой продукции в рыночных условиях / И. А. Маликов, А. Абдурахимов, С. Р. Одинавева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2020. – № 8. – С. 55-60. – EDN BDZOMM.

43. Мансурова, Н.А. Оценка влияния внешних и внутренних факторов на устойчивость предприятия [Текст] / Н.А. Мансурова, В.А. Тулуева // Вестник тверского государственного университета. Серия: экономика и управление. – 2013. – № 20. – С. 129-139.

44. Мирзоев, Б. Проблемы устойчивого развития животноводства в Республике Таджикистан / Б. Мирзоев, И. Маликов, А. А. Мадаминов // Peasant. – 2013. – № 2. – С. 52-53. – EDN RMXQKB.

45. Окладский, П.В. Соотношение понятий экономической несостоятельности и устойчивости предприятий / П.В. Окладский // Лесной журнал. - 2010.-С.68-81.

46. Орипов, А. А. Инвестиции - фактор развития сельского хозяйства Республики Таджикистан / А. А. Орипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2014. – № 1(57). – С. 93-97. – EDN SHTWHV.

47. Пиризода, Дж.С. Асосҳои назариявию методии бунёди кластерҳои агросаноатии минтақавӣ [Текст] /Дж.С. Пиризода // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. – Душанбе. - 2013. - № 2/8(125). – с. 97-104.

48. Самандаров, И. Х. Факторы устойчивого развития сельского хозяйства в Таджикистане: региональные аспекты / И. Х. Самандаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2017. – № 2/5-1. – С. 89-95. – EDN ZVFJWH.

49. Сафарова, А. Д. Научная сущность продовольственной безопасности / А. Д. Сафарова, И. С. Ашуров, К. К. Баходурова // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2018. – № 1-4-2(57). – С. 175-180. – EDN NLAGTW.

50. Шамсов, Э. С. Молочная продуктивность коров таджикского типа черно-пестрой породы при использовании кормовых добавок / Ф. Байгенов, Т. А. Иргашев, Э. С. Шамсов, В. И. Косилов // Современные тенденции развития

биологической и ветеринарной науки : Сборник материалов международной научно-практической конференции, Оренбург, 20–22 апреля 2017 года / Министерство сельского хозяйства Российской Федерации, Федеральное государственное бюджетное образовательное учреждение высшего образования "Оренбургский государственный аграрный университет". – Оренбург: Оренбургский государственный аграрный университет, 2018. – С. 236-240. – EDN DGYFDA.

51. Чеблоков, А.Т. Стабильное производство – основа финансовой устойчивости предприятий / А.Т. Чеблоков // Финансы – 2009. №8-С.35-44.

52. Федорова, М.А. Тенденции развития молочного скотоводства и проблемы формирования производственного потенциала отрасли // Фундаментальные исследования. -2019. -№ 11.- С. 191-195;

53. Хоналиев, Н. Некоторые вопросы инновационного развития АПК Таджикистана / Н. Хоналиев // Экономика Таджикистана. – 2020. – № S4-1. – С. 57-62. – EDN RHBJMW.

**Диссертатсияҳо ва авторефератҳо:**

54. Абдурахимов, А.А. Проблемы повышения эффективности производства молока в условиях рынка: На материалах хлопкосеющих хозяйств Согдийской области. Дисер.на соискание уч. степ.к.э.н.-Худжанд.-2004-146с

55. Гулов, И.М. Продовольственное обеспечение Республики Таджикистан. -Автореф. на соискание уч.степени к.э.н.- М.-2012-25с

56. Шоймардонов, Х.К. Формирование и регулирование рынка мясомолочной продукции в регионе (на материалах Центрального Таджикистана). -Диссертация на соискание уч.степени к.э.н.-Душанбе.-219.-182с.

57. Юнусова, Дж. А. Организационно-экономический механизм повышения экономической устойчивости промышленного предприятия/ Дисс. работа – Махачкала: 2009 г., 148 с.

## ИНТИШОРОТИ УНВОНҶӮ ДОИР БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Монография:**

[1-А]. Мадаминзода, А.А. (Мадаминов А.А.). Тенденции развития и размещения производительных сил Республики Таджикистан / Н. Хоналиев, Б. Б. Махкамов, А. А. Мадаминов, [и др.]. – Душанбе: Дониш, 2025. – 521 с.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

[2-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Перспективы развития и размещения предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан /

А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № S2. – С. 201-206. – EDN MVGGHX.

[3-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Перспективы развития и размещения предприятий мясомолочной отрасли в регионах Республики Таджикистан / А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2021. – № 4-2. – С. 217-224. – EDN WIJYSM.

[4-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Инновации и получение высокого урожая в системе АПК Республики Таджикистан / С. Садридинов, А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 2. – С. 79-86. – EDN KGOFGL.

[5-А]. Мадаминзода, А. А. (Мадаминов, А. А.). Экономическая устойчивость предприятий пищевой промышленности как фактор продовольственной безопасности страны / А. А. Мадаминов // Экономика Таджикистана. – 2022. – № 4-2. – С. 49-55. – EDN JYYEVK.

[6-А]. Мадаминов, А. А. Теоретическое определения основных факторов экономической устойчивости предприятий мясной и молочной отрасли и их классификация / А. А. Мадаминов // Земледелец. – 2025. – Т. 106, № 1. – С. 269-276. – EDN MJXCWT.

[7-А]. Мадаминзода А. А. (Мадаминов А. А). Роль мясомолочной отрасли в обеспечении продовольственной безопасности Республики Таджикистан / А. А. Мадаминов, М. Т. Каримова // Кишоварз. – №2(107). – С. 183-188.

[8-А]. Мадаминзода А. А. (Мадаминов, А. А.). Ҳолати рушди чорводорӣ ва истифодаи чарогоҳҳо дар мамлакат ва минтақаҳои он / Б. Абдуалимов, А. А. Мадаминов // Гузоришҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. – 2025. – № 1(83). – С.160-167.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмию амалӣ ба табъ расидаанд:**

[9-А]. Мадаминзода, А.А. (Мадаминов, А.А.). Производственные и научные основы реконструкции дехканских хозяйств / Б. Абдуалимов, А. Мадаминов // Материалы международной научно-теоретической интернет-конференции «Сельское хозяйство – 2021». Украина – 2024, стр. 60.

[10-А]. Мадаминзода А.А. (Мадаминов А.А.). Оценка влияния на экономическую устойчивость предприятий промышленности факторов внешней среды [Текст]. Наука с точки зрения молодых учёных // Сборник статей научно-практической конференции молодых учёных, посвященной объявлению 2024 года «Годом правового просвещения». Душанбе – 2024, стр. 43-48.

**Аннотация**
**к автореферату диссертации Мадаминзода Асрор Абдулло на тему «Механизмы повышения экономической устойчивости предприятий молочного подкомплекса АПК Таджикистана»**

**Ключевые слова:** экономическая устойчивость, молочный подкомплекс, агропромышленный комплекс, механизмы развития, интегральный показатель, кластерная модель, государственная поддержка, управление качеством, рентабельность.

Целью исследования является разработка и теоретическое обоснование организационно-экономического механизма обеспечения экономической устойчивости предприятий молочного подкомплекса Республики Таджикистан.

В диссертации использованы современные методы научного исследования, включая экономико-статистический анализ, системный подход, методы математического моделирования, экспертной оценки, сравнительного анализа, логического обобщения и интерпретации результатов.

В работе исследованы теоретические и методологические аспекты экономической устойчивости предприятий молочного подкомплекса. Особое внимание уделено влиянию продовольственной безопасности на развитие молочной отрасли, роли молочного производства в обеспечении внутреннего рынка и снижении зависимости от импорта молочной продукции. Исследованы факторы, влияющие на устойчивость молочного производства; предложена их расширенная классификация; раскрыто влияние внутренних факторов, связанных с эффективностью использования ресурсов предприятия, кадровым потенциалом, финансовым состоянием и инновационной активностью, а также внешних факторов, включая государственное регулирование, рыночную конъюнктуру, состояние инфраструктуры и климатические риски.

Одним из ключевых научных результатов исследования является разработка комплексной системы оценки экономической устойчивости предприятий молочного подкомплекса. Автором предложена методика интегральной оценки, основанная на системе производственно-экономических и финансово-экономических показателей. Проведён комплексный анализ динамики производства молока, структуры хозяйств, состояния кормовой базы, уровня самообеспеченности молочной продукцией и региональных различий в развитии отрасли.

Предложены и научно обоснованы механизмы повышения экономической устойчивости предприятий молочного подкомплекса. Наиболее значимым научным результатом является разработка авторской модели кластеризации молочной отрасли.

Практическая значимость исследования заключается в возможности использования полученных результатов органами государственного управления при разработке программ устойчивого развития АПК и обеспечении продовольственной безопасности страны.

**Аннотатсия**
**ба автореферати диссертатсияи Мадаминзода Асрор Абдулло дар мавзӯи «Механизмҳои баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии КАС-и Тоҷикистон»**

**Калидвожаҳо:** устувории иқтисодӣ, зеркомплекси ширӣ, комплекси агросаноатӣ, механизмҳои рушд, нишондиҳандаи интегралӣ, модели кластерӣ, дастгирии давлатӣ, идоракунии сифат, даромаднокӣ (рентабелнокӣ).

Мақсади таҳқиқот аз таҳия ва асосноккунии назариявии механизми ташкилию иқтисодии таъмини устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Дар рисола усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла таҳлили иқтисодию оморӣ, муносибати системавӣ, усулҳои моделсозии математикӣ, баҳодиҳии коршиносӣ, таҳлили муқоисавӣ, ҷамъбасти мантиқӣ ва тафсири натиҷаҳо истифода шудаанд.

Дар кор ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба таъсири амнияти озуқаворӣ ба рушди соҳаи шир, нақши истеҳсоли шир дар таъмини бозори дохилӣ ва коҳиш додани вобастагӣ аз воридоти маҳсулоти ширӣ зоҳир карда шудааст. Омилҳои ба устувории истеҳсоли шир таъсиррасонанда таҳқиқ гардида, таснифоти васеъшудаи онҳо пешниҳод карда шудааст; таъсири омилҳои дохилии вобаста ба самаранокии истифодаи захираҳои корхона, иқтидори кадрӣ, вазъи молиявӣ ва фаъолнокии инноватсионӣ, инчунин омилҳои берунӣ, аз ҷумла танзими давлатӣ, конъюнктураи бозор, ҳолати инфрасохтор ва хавфҳои иқлимӣ ошкор карда шудааст.

Яке аз натиҷаҳои калидии илмии таҳқиқот таҳияи низоми маҷмӯии арзёбии устувории иқтисодии корхонаҳои зеркомплекси ширӣ ба шумор меравад. Аз ҷониби муаллиф методикаи арзёбии интегралӣ, ки ба низоми нишондиҳандаҳои истеҳсолию иқтисодӣ ва молиявию иқтисодӣ асос ёфтааст, пешниҳод карда шудааст. Таҳлили маҷмӯии динамикаи истеҳсоли шир, сохтори хоҷагиҳо, ҳолати заминаи хӯроки чорво, сатҳи худтаъминкунӣ бо маҳсулоти ширӣ ва тафовутҳои минтақавӣ дар рушди соҳа гузаронида шудааст.

Механизмҳои баланд бардоштани устувории иқтисодии корхонаҳои зермаҷмааи ширӣ пешниҳод ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Натиҷаи аз ҳама муҳими илмӣ таҳияи модели муаллифии кластеронидани соҳаи шир мебошад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби мақомоти идоракунии давлатӣ ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди устувори КАС ва таъмини амнияти озуқавории кишвар ифода меёбад.

**Abstract**

**to the extended summary of the dissertation by Asror Abdullo Madaminzoda on the topic "Mechanisms for enhancing the economic stability of enterprises in the dairy subcomplex of the agro-industrial complex of Tajikistan"**

**Keywords:** economic stability, dairy subcomplex, agro-industrial complex, development mechanisms, integral indicator, cluster model, state support, quality management, profitability.

The objective of the research is to develop and theoretically substantiate an organizational-economic mechanism for ensuring the economic sustainability of enterprises within the dairy sub-sector of the Republic of Tajikistan.

The dissertation employs modern scientific research methods, including economic-statistical analysis, a systems approach, mathematical modeling, expert evaluation, comparative analysis, logical generalization, and the interpretation of results.

The study examines the theoretical and methodological aspects of the economic sustainability of dairy sub-sector enterprises. Particular attention is given to the impact of food security on dairy industry development, and the role of dairy production in supplying the domestic market and reducing reliance on imported dairy products. The factors influencing the sustainability of dairy production are investigated, and an expanded classification of these factors is proposed. The research reveals the impact of internal factors associated with resource utilization efficiency, human resources capacity, financial standing, and innovative activity, alongside external factors such as state regulation, market conditions, infrastructure status, and climatic risks.

A key scientific outcome of the research is the development of a comprehensive system for assessing the economic sustainability of dairy sub-sector enterprises. The author proposes a methodology for integral assessment based on a system of production-economic and financial-economic indicators. A comprehensive analysis was conducted on the dynamics of milk production, farm structure, the condition of the feed base, the level of self-sufficiency in dairy products, and regional disparities in the industry's development.

Mechanisms for enhancing the economic sustainability of dairy sub-sector enterprises are proposed and scientifically substantiated. The most significant scientific result is the development of an original model for the clusterization of the dairy industry.

The practical significance of the study lies in the potential for government bodies to utilize the findings when drafting sustainable development programs for the agro-industrial complex and ensuring national food security.